МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН



© Didor Sadulloev, UN Tajikistan

ҲИСОБОТ ОИДИ НАТИҶАҲО ДАР СОЛИ 2022

# ТОҶИКИСТОН

ҲИСОБОТ ОИДИ НАТИҶАҲО ДАР СОЛИ 2022

# ТОҶИКИСТОН

МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН

1993-2023
30 лет успешного сотрудничества

ҲИСОБОТ ОИДИ НАТИҶАҲО ДАР СОЛИ 2022

ТОҶИКИСТОН



# МУНДАРИҶА


Пешгуфтори Ҳамоҳангсози доимии СММ — 04
Таркиби гурӯҳи кишварии СММ — 05
Шарикони асосии рушд дар Тоҷикистон — 06
Тамоюлҳои асосӣ дар рушд — 10
Бознигарии натиҷаҳои миёнамуҳлат ва ниҳоии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд — 11
- Натиҷаи ниҳоии 1. Идоракунии демократӣ, волояти қонун ва ҳуқуқи инсон — 15
- Натиҷаи ниҳоии 2. Рушди иқтисодии устувор ва одилона — 19
- Натиҷаи ниҳоии 3. Рушди иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ) — 23
- Натиҷаи ниҳоии 4. Ғизохӯрӣ ва амнияти озуқаворӣ (таъминоти озуқаворӣ) — 29
- Натиҷаи ниҳоии 5. Фарогирӣ ва тавонмандсозии гурӯҳҳои осебпазир — 32
- Натиҷаи ниҳоии 6. Муқовимат ва устувории муҳити зист — 35

Дастгирии шарикӣ ва маблағгузорӣ — 38
Натиҷаҳои ислоҳоти СММ — 39
Арзёбиҳо ва сабақҳои гирифташуда — 42
Бознигарии молиявӣ ва сафарбарсозии захираҳо — 45
Тамаркузи СММ барои соли дар пеш қарордошта — 49


# ИХТИСОРАҲО

| | | | |
|---|---|---|---|
| БРН | Барномаи рушди ноҳия | СҶШ | Созмонҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ |
| БОР | Бонки осиёии рушд | УММ | Ӯҳдадориҳои дар сатҳи миллӣ муайяншуда |
| ПСО | Паст кардани сатҳи офатҳо | ГМҲ | Гурӯҳбандии марҳилаи ҳамгирошудаи амнияти озуқаворӣ |
| ВМКБ | Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон | ЧҲИИ | Чорчӯби ҳамгирошудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ |
| ХИС | Хазинаи иқлими сабз | ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| СҶШ | Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ | БИР | Бонки исломии рушд |
| ГРҶШ | Гурӯҳи референтии ҷомеаи шаҳрвандӣ | КХМ | Корхонаҳои хурду миёна |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ҲДСММ | Ҳамоҳангсози доимии СММ |
| ЗГ | Зӯроварии гендерӣ | ГКСММ | Гурӯҳи кишварии СММ |
| ТИК | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ | БҚРКР СММ | Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд |
| ЧМҲМ | Чорчӯби маблағгузории миллии ҳамгирошуда | ЧҚҲРУ СММ | Чаҳорчуби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор |
| НМБ | Ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ | ШУД | Шарҳи умумии давравӣ |



© Akmal Usmanov



# ПЕШГУФТОР



Дар соли 2022, вақте ки ҷаҳон аз пандемияи COVID-19 раҳоӣ ёфт ва ноороминҳои ҷанги Украинаро аз сар гузаронид, Тоҷикистон бо афзоиши ММД, таварруми пасттар, дар муқоиса ба он ки интизор мерафт ва мавқеи қавитари фискалӣ устуворӣ нишон дод. Ҳанӯз ҳам хавфи баланд ва номуайянии бештар аз тағйиёбии иқлим ва ҳамчунин идомаи ҷанг дар Украина вуҷуд дорад, ки метавонад таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва энергетикаро халалдор кунад ва имконияти шуғли муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро дар Россия коҳиш диҳад. Идомаи бесуботӣ дар Афғонистон ва вазъият дар марзи Қирғизистону Тоҷикистон нигарониҳои амниятии кишварро афзоиш медиҳад.

Сарфи назар аз ин омилҳои боздоранда, Тоҷикистон ҳамчунон роҳи худро ба рушди иқтисодии тағйирёбанда, фарогир ва сабз идома медиҳад. Дар ин замина, низоми СММ шарики боэътимоди Ҳукумати ҶТ боқӣ мемонад, ки барои расидан ба ҳадафҳои **Стратегияи миллии рушд** (СМР-2030) ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) роҳиҳалҳои беғаразона ва ба далелҳо асосёфтаро пешниҳод мекунад. Ин ба низоми СММ имконият медиҳад, ки тағйироти сиёсатҳои соҳавӣ ва институтсионалиро пуштибонӣ кунад, ки *барои ҳар шахс имкониятҳо барои амалӣ намудани иқтидори худ бар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиром ба шаъну шарафи инсон фароҳам меорад* [1]

Дар соли 2022, Тоҷикистон ҳамкории худро бо механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон идома дод. Он аз ҷониби 80 кишвари узв тавсияҳои Шарҳи умумии давравӣ (ШУД) – 234-ро ба даст овард ва лоиҳаи нақшаи миллии амалро таҳия намуд. Қабул намудани **Қонун "Дар бораи баробари ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз".** дастовардӣ асосӣ буд. Дар моҳи декабр Гузоришгари махсуси СММ оид ба вазъияти ҳомиёни ҳуқуқи инсон ба кишвар ташриф овард. Барои таҳкими устувории системаи ҳифзи иҷтимоӣ, Ҳукумат бо машвари сиёсии низоми СММ **Стратегияи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро барои то соли 2040** оғоз намуд. Он "равзанаи ягона"-ро барои пешниҳоди хидматрасониҳои иҷтимоӣ таъмин менамояд, ки парокандагиро коҳиш дода, ҳамоҳангсозиро байни таъминкунандагони хидматрасониҳо тақвият медиҳад ва гурӯҳҳои осебпазирро беҳтар фаро мегирад.

Тоҷикистон ҳамчунин дар ҷорӣ намудани Чорчӯби маблағгузории миллии ҳамгирошуда ба пешрафт ноил шудааст. Ин барои **ҳавасманд кардани чораёни маблағгузорӣ барои рушд** ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва ҲРУ кумак хоҳад кард. Бо дастгирии ҳамчунин **Стратегияи рушди иқтисоди сабз** барои солҳои 2023-2037-ро оғоз намуд. Он барои рушди бештари иқтисодӣ бар асоси устувории экологӣ, коҳиши партоби карбон ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ пешбинӣ шудааст. Таъсирҳои тағйирёбии иқлим душвориҳо, махсусан норасоии об ва офатҳои табиии бештар ва шадидро ба вуҷуд меоранд. Тоҷикистон баррасӣ намудани масъалаҳои **об, тағйирёбии иқлим ва паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табиӣ** дар сатҳи байналмилалиро идома медиҳад. Ҳамчун сарпарасти асосии Қатъномаи 71/22-и Маҷмаъи умумии СММ оид ба ташкил намудани Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028, Тоҷикистон дар моҳи июни соли 2022 Конфронси сатҳи баланд оид ба масъалаҳои обро дар шаҳри Душанбе баргузор намуд. Кишвар ҳамчунин ба таври бомуваффақият ҷонибдори қабул кардани Қатъномаи Маҷмаъи умумии СММ "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, 2025" буд, ки на танҳо Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва Рӯзи ҷаҳонии пиряххоро эълон мекунад, балки ҳамчунин ба ташкил намудани Хазинаи боварии СММ оид ба пиряххо ва баргузор кардани конфронси байналмилалӣ дар соли 2025 даъват менамояд **Шарикиҳои глобалӣ** барои ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва ҲРУ муҳим мебошанд. Ҳеҷ кишвар, блок ё гурӯҳи минтақавӣ наметавонад дар танҳоӣ роҳиҳалҳои рушди устувор ва ба инсон нигаронидашударо татбиқ намояд. Дар соли 2022, низоми СММ ҳамчун ҳамоҳангсоз барои муттаҳид кардани ҷонибҳои манфиатдор фаъолияти худро дар ин замина идома дод. Ду намунаи ин шарикӣ бо Иттиҳодияи Аврупо барои дастгирии ислоҳоти феълӣ ва рақамисозии низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳамкорӣ бо Хазинаи иқлими сабз (ХИС) ҷиҳати таъмини маблағгузорӣ ба соҳаи иқлим барои ҳалли Мушкилиҳои мураккаби вобаста ба норасоии об, тағйирёбии иқлим ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ мебошанд. Дар соли 2023, Ҳукумат ва низоми СММ ба татбиқи . **Чаҳорчуби** нави ҳамкории **СММ оид ба рушди усутворро** барои давраи солҳои 2023-2026-ро оғоз мекунанд. Интизор меравад, ки тағйироти табдилдиҳандаи ҳамкорӣ ба рушди устувори иқтисодӣ ва ташкил намудани ҷойҳои кории муносиб, бештар самарабахш ва идораҳои давлатии ҳисоботдиҳанда ва пешниҳоди хидматрасониҳои муҳими иҷтимоӣ ва фарогирии қавитари иҷтимоӣ ва муқовиматпазирӣ мусоидат мекунанд. Натиҷаҳо ва стратегияҳои Чаҳорчуби ҳамкории **СММ оид ба рушди усутвор** ба фарогирии гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шудаанд, то боварӣ ҳосил карда шавад, ки онҳо ақиб намонанд. Барои ин, натиҷаҳо дар шарикии васеъ бо гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои ҳуқуқи инсон, доираҳои илмӣ, ВАО, бахши хусусӣ ва шарикони байналмилалӣ ба даст оварда мешаванд.

Ман аз номи гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон ба ҳамаи шарикони мо барои ҳамкории фаъол ва самарабахш дар соли 2022 изҳори сипос менамоям. Дар соли 2023 мо 30-солагии ҳузур ва шарикии СММ дар Тоҷикистонро таҷлил мекунем ва умедворем ҳамкориҳоямонро ҳамкориҳоямонро густариш дода, уҳдадориҳои муштараки худро ҷиҳати дастгирии мардуми Тоҷикистон дар роҳи онҳо ба рушди устувор тақвият диҳем.

**Хонум Сезин Синанолу,**
**Ҳамоҳангсози доимии**
**СММ дар Тоҷикистон**

# ТАРКИБИ ГУРӮҲИ КИШВАРИИ СММ

Гурӯҳи кишварии СММ (ГКСММ) дар Тоҷикистон шарики боэътимод барои Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон афзалиятҳо ва ӯҳдадориҳои миллии кишварро ҷиҳати ноил шудан ба ҲРУ дастгирӣ менамояд.

СММ дар Тоҷикистон аз 19 идораи резидент ва ғайрирезидент, инчунин барномаҳои кишварӣ иборат мебошад. СММ дар Тоҷикистон аз ҷониби Ҳамоҳангсози доимӣ (ҲД) роҳбарӣ карда мешавад, ки намояндаи таъйиншудаи Дабири кулли СММ мебошад. Дар солҳои 2016-2022, СММ аз ҷониби Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд (UNDAF) дар мувофиқати комил бо Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 роҳнамоӣ карда шудааст. Дар соли 2022, СММ дар Тоҷикистон соли ниҳоии татбиқи Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд ба охир расонида, аз моҳи январи соли 2023 Чаҳорчуби нави ҳамкории СММ оид ба рушди усутворро барои солҳои 2023-2026-ро оғоз кард.

Идораҳои зерин аъзоёни Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон мебошанд:

**Идораҳои резиденти СММ** [1]

**Идораҳои ғайрирезиденти СММ** [2]

1. UN agencies located in Tajikistan
2. UN agencies located outside Tajikistan

# ШАРИКОНИ АСОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон ба шарикони давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, академия ва расонаҳо, инчунин ба ҷомеаи байналмилалӣ ва созмонҳои рушд барои шарикии пурсамар дар соли 2022 изҳори сипос мекунад.

Ин шарикӣ ба афзоиши дастрасӣ ба адолат, идоракунии демократӣ ва волояти қонун мусоидат кард; таҳкими рушди устувори иқтисодӣ, эҷоди низомҳои нави механизмҳои маблағгузории инноватсионӣ барои дастрасӣ ба ҳадафҳои рушди устувор, татбиқи чораҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҷиҳати бартараф намудани таъсири манфии COVID-19; таҳкими системаҳои тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ; такмил додани системаҳои ғизо, тавонмандсозии аҳолии осебпазир ва пешбурди баробарии гендерӣ, устувории муҳити зист, вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва офатҳои табиӣ ва идоракунии хавфҳо мусоидат намуд.

Илова бар ин, чунин ҳамкорӣ ба баланд бардоштани иқтидори институтсионалии шарикони асосии миллӣ барои банақшагирии муассир ва пешбурди афзалиятҳои миллӣ ва дастрасӣ ба ҳадафҳои рушд дар сатҳи миллӣ мусоидат намуд.



© Manuchehr Ruziev, UNICEF Tajikistan

# ШАРИКОНИ АСОСӢ ДАР СОЛИ 2022

## ШАРИКОНИ ДАВЛАТӢ

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия
- Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ
- Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа
- Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ
- Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Хоҷагии манзилию коммуналӣ
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
- Кумитаи рушди маҳаллии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати кишоварзӣ
- Вазорати фарҳанг
- Вазорати рушди иқтисод ва савдо
- Вазорати маориф ва илм
- Вазорати корҳои хориҷӣ
- Вазорати молия
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
- Вазорати саноат ва технологияи нав
- Вазорати корҳои дохилӣ
- Вазорати адлия
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
- Вазорати энергетика ва захираҳои об
- Суди Олии ҶТ
- Прокуратураи генералии ҶТ
- Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Бонки миллӣ
- Маркази миллии гуногунии биологӣ ва бехатарии биологӣ
- Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО
- Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф
- Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия”
- Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон”
- Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим
- Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии гизо”
- Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди беморӣ ВНМО”
- Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ”
- Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона”
- Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ
- Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ”
- Муассисаи давлатии “Тиҷорат инкубатор”
- Муассисаҳои давлатии “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: Суғд, Данғара, Панҷи поён”

## МАЪМУРИЯТҲОИ ВИЛОЯТӢ ВА НОҲИЯВӢ

- Вилояти Хатлон
- Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)
- Вилояти Суғд
- Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

## СОЗМОНҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ (СҶШ) ВА АССОТСИАТСИЯҲО

- Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон
- Шабакаи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба волоияти қонун
- Бюрои ҳимоят аз ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун
- Маркази ҳуқуқи инсон
- Маркази экологии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Гули Сурх
- ИРОДА
- Хома
- Корвони умед
- Наҷоти кӯдакон
- Насли ҷавонони Тоҷикистон
- Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳамсол ба ҳамсол»
- Ташкилоти ҷамъиятии "Созмони ҷавонон Пешрафт»
- ТҶ “Гурезаҳо, кӯдакон ва шаҳрвандони осебпазир”
- Ташкилоти ҷамъиятии “Илмхона”
- Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»
- Баробарии Деюра (D'Jure) ба баробарии Дефакто (D'Facto)
- Иқтисод ва маориф
- ТҶ “Рушди инклюзия”
- ТҶ “Гендер ва рушд”
- Форум “Пешсаф”
- Ассотсиатсияи банақшагирии оила дар Тоҷикистон
- ТҶ "Иттиҳоди маъюбон»
- Дигар созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии миллӣ/минтақавӣ/маҳаллӣ
- ТҶ “Пешрафт”
- Иттиҳодияи ҷамъиятии Кӯҳҳои Помир

## БАХШИ ХУСУСӢ

- Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон
- Палатаи савдо ва саноат
- Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ
- Палатаи савдои Амрико дар Душанбе
- Ассотсиатсияи рушди сайёҳӣ
- Меҳмонхонаи “Ҳилтон”
- Кока Кола Тоҷикистон
- Гурӯҳи Алиф
- 55 Гурӯҳ

## МУАССИСАҲОИ ИЛМӢ ВА ПАЖӮҲИШӢ

- Академияи илмҳо, Институти иқтисодиёт ва демография
- Маркази таҳқиқотии “Зеркало”. ҶДММ "Z-analytics»
- Академияи илмҳо, Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология
- Академияи илмҳо, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология
- Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
- Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
- ҶДММ " Таҳлил ва Машварат "
- Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон
- Пажӯҳишгоҳи илмии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
- Институти иқтисодиёт ва демография

## ИТТИҲОДИЯҲОИ КОРФАРМОЁН ВА КОРГАРОН

- Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
- Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ШАРИКОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

European Union; ADB; CDC; USAID; Schweizerische Eidgenossenschaft / Confédération suisse / Confederazione Svizzera / Confederaziun svizra; JICA; The World Bank (IBRD • IDA | World Bank Group); GEF; The Global Fund To Fight AIDS, Tuberculosis and Malaria; GIZ Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH; Gavi The Vaccine Alliance; German Cooperation Deutsche Zusammenarbeit; Adaptation Fund; IsDB Islamic Development Bank; Green Climate Fund; Migration Multi-Partner Trust Fund; Joint SDG Fund; GPE Transforming Education

# ДАЛЕЛҲОИ АСОСӢ ДАР БОРАИ ТОҶИКИСТОН

**Аҳолӣ: зиёда аз**
**10 миллион**
Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сатҳи камбизоатӣ**
**22.5 %**
2022, Ҳукумати ҶТ

**Суръати афзоиши ММД**
**8%**
2022, Бонки Умумиҷаҳонӣ

**ММД ба сари аҳолӣ**
**$897**
2022, Бонки Умумиҷаҳонӣ

**Афзоиши аҳолӣ**
**2,1 %**
2021, Бонки Умумиҷаҳонӣ

**Интиқоли шахсӣ, гирифташуда (% ММД)**
**33.4%**
2021, Бонки Умумиҷаҳонӣ

**Индекси рушди инсон**
**0.685**
2021, ИРИ



## БОБИ 1

# ТАМОЮЛҲОИ АСОСӢ ДАР РУШД

| Ҷой дар индекси ҲРУ | Ҳолати индекси ҲРУ | Ҳисоби паҳншавӣ |
|---|---|---|
| 78/163 | 69.7 | 98.6 |

## ПАНЕЛИ ИТТИЛООТИ ҲРУ ВА ТАМОЮЛҲО




**Нишондод:** ҲРУ дастрас шудааст · Мушкилот боқӣ мондаанд · Мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мондаанд · Мушкилоти асосӣ боқӣ мондаанд · Маълумот дастрас нест

**Тамоюлҳо:** Дар пайгирӣ ё нигоҳ доштани ноил шудан ба ҲРУ · Пешравии мўътадил · Рукуд · Коҳиши тамоюл · Маълумот дастрас нест

**Сарчашма:** https://dashboards.sdgindex.org/profiles/tajikistan

© Didor Sadulloev, UN Tajikistan

# 1. ТАМОЮЛҲОИ АСОСӢ ДАР РУШД


© Didor Sadulloev, UN Tajikistan

Дар соли 2022, иқтисод устувории бештарро нишон дод, дар муқоиса бо он ки интизор мерафт. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 8 фоиз афзоиш ёфт, ки ин нисбат ба бештари кишварҳои Осиёи Марказӣ баландтар мебошад.[1]

Ба ҷуз аз саноати истихроҷи маъдан, ки 1,3 фоиз коҳиш ёфтааст, дигар зербахшҳои саноатӣ, ба монанди саноат ва идораҳои коммуналӣ, мутаносибан 16 ва 17 фоиз афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 8 фоиз зиёд шудааст. Бо афзоиши арзиши маҳсулоти озуқаворӣ ва маводи сӯхт дар ҷаҳон мизони таваррум дар Тоҷикистон то 4,2 фоиз коҳиш ёфт. Дар маҷмӯъ, вазъияти молиявии Тоҷикистон дар соли 2022 бо афзоиши мӯътадили даромад ва хароҷот беҳтар шуд. Интизор меравад, ки норасоии буҷет дар соли 2023 ба 2 фоизи ММД бо маҳдуд кардани қарз барои нигоҳ доштани сатҳи қарзи идорашаванда мерасад. Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар хавфи ҳолати душвори вобаста ба қарз қарор дорад; ҳар гуна афзоиши назарраси қарзи берунӣ бо шартҳои тиҷоратӣ метавонад ба устувории қарз таъсир расонад.[2]. Шарикони рушд, аз ҷумла донорҳо, дастгирии мустақими буҷети Тоҷикистонро баррасӣ мекунанд, ки бояд фазои молиявиро васеъ намояд.

Ҳарчанд Тоҷикистон солро бо вазъияти иҷтимоиву иқтисодии беҳтар аз вазъияти интизоррафтаи ба поён расонид, вале сатҳи баланди хавф ва номуайянӣ дар натиҷаи ҷанг дар Украина ба вазъияти оиндаи иқтисоди Федератсияи Русия вуҷуд дорад.

Илова бар халалдоршавии таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ва энергия, инчунин таҳдиди болоравии сатҳи таваррум, таназзули амиқтар дар Федератсияи Руссия имкониятҳои шуғлро барои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба таври назаррас коҳиш медиҳад.[4]


© Shodibek Sharipov, FAO Tajikistan

Дар ҳоли ҳозир, дар Федератсияи Руссия ба коргарон талаботи кофӣ вуҷуд дорад. Сарфи назар аз коҳиш дар семоҳаи аввал, ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳои шахсони воқеӣ ба Тоҷикистон дар се семоҳаи аввали соли 2022 дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2021 ба 76 фоиз афзоиш ёфтааст[5] Афзоиши интиқоли маблағ ба афзоиши хароҷоти хонаводаҳо бо коҳиши камии сатҳи камбизоатии миллӣ аз 23 фоиз дар соли 2021 то 22,5 фоиз дар соли 2022 кумак кард. коҳиш Бо вуҷуди ин, вазъияти мазкур нишон медиҳад, ки иқтисод ҳанӯз ҳам аз интиқоли маблағҳо ва истеъмоли дохилӣ бисёр вобаста аст ва зарурати рушди иқтисодии тағйирёбанда, фарогир ва сабзро тасдиқ мекунад Ҳукумати ҶТ барои вокуниш ба ҳодисаҳо дар Афғонистон ва танишҳои марзии байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои таъмини амният ва мубориза бо терроризм диққати афзалиятдор медиҳад. Дар моҳи сентябр дар марзи Қирғизистон ва Тоҷикистон низоъи бузурге рух дод, ки ба талафоти зиёди инсонӣ, беҷошавии аҳолӣ ва хароб шудани инфрасохтор оварда расонид. Дар айни замон, сохторҳои давлатии ду ҷумҳурӣ музокиротро дар бораи аломатгузории (деморкатсияи) сарҳад идома медиҳанд. Роҳбарони вилоятҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳар ду ҷониб барои пешгирӣ кардани афзоиши ихтилофоти маҳаллӣ дар масъалаи об, замин ва чарогоҳ ҳамкорӣ мекунанд.

[1] Агентии омори Тоҷикистон. Ба далели мавқеъи заифи берунӣ ва вобастагии иқтисодӣ аз Россия, пешгӯиҳои қаблӣ чунин буданд, ки Тоҷикистон аз режими таҳримҳо ва оқибатҳои иқтисодии ҷанг дар Украина ба таври номутаносиб зарар хоҳад дид.

[2] IMF Initial Assessment, Article IV consultations: https://asiaplustj.info/ru/node/320340

[3] Мутобиқи арзёбӣ 500 000 шахси қобили меҳнат, ки бештар мардон ҳастанд, ҳар сол кишварро барои кор дар хориҷа ҳамчун муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ тарк мекунанд ва интиқоли маблағҳо тақрибан 27 фоизи ММД-ро ташкил медиҳанд. Asian Development Bank, December 2020, Strengthening Support for Labour Migration in Tajikistan and World Bank data, 2020 in UN, CCA, ibid. Ҳамон ҷо.

[4] Ҳисобҳои Дафтари Ҳамоҳангсози доимии СММ бо истифода аз маълумоти тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон.



Дар соли 2022, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории худро бо механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон идома дод. Он аз ҷониби 80 кишвари узв тавсияҳои Шарҳи умумии давравӣ-234-ро дарёфт намуда, лоиҳаи нақшаи миллии амалро барои татбиқи онҳо омода кард. Қабул намудани **Қонун "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз"** дастовардӣ асосӣ буд. Ин қадами қобили пазирой мебошад, ки интизор меравад ба таъмини баробарӣ ва беҳтар шудани вазъияти гурӯҳҳои осебпазир мусоидат кунад. Ҳукумат ҳамчунин гузоришҳои давравии миллии худро ба Кумита оид аб ҳуқуқи кӯдак, Кумитаи зидди шиканҷа ва Кумита оид ба барҳам додани табъиз нисбат ба занон пешниҳод намуд. Гузориши миллии он оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар моҳи октябри соли 2022 аз ҷониби Кумитаи дахлдор баррасӣ карда шуд. Ғайр аз ин, дар моҳи декабр Гузоришгари махсуси СММ оид ба вазъияти ҳомиёни ҳуқуқи инсон ба кишвар ташриф оварда, тавсияҳои пешакии худро пешниҳод намуд.

Тоҷикистон дар татбиқи Чорчӯби маблағгузории миллии ҳамгиропшуда ба пешрафт ноил шудааст. Дар назди Шӯрои миллии рушдиПрезиденти Тоҷикистон гурӯҳи кории сатҳи баланд оид ба маблағгузорӣ ташкил карда шуд. Шӯрои миллии рушд платформаи миллии ҳамоҳангсозӣ барои муколама ва ҳамоҳангсозии сиёсат ҷиҳати **ҳавасманд кардани ҷараёни маблағгузории рушд** барои ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд (СМР-2030) ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) мебошад. Лоиҳаи Харитаи роҳ оид ба маблағгузории Ҳадафҳои рушди устувор омода карда шудааст[5].

Тоҷикистон дар Саммит оид ба масъалаҳои тағйир додани низоми маориф ба таври фаъол иштирок намуд, ки дар соли 2022 аз ҷониби СММ ҷиҳати ҳалли бӯҳрони ҷаҳонӣ барои баробарӣ, фарогирӣ ва сифати таҳсил даъват шуда буд. Вазорати маориф ва илм бо дастгирии низоми СММ **ислоҳоти асосии системаи маорифро муайян кард:** (1) мактабҳои фарогир ва солим, (2) омӯзиш ва малакаҳо барои ҳаёт, (3) кор ва рушди устувор, (4) таълим, омӯзиши рақамӣ ва табдилдиҳӣ ва (5) маблағгузории соҳаи маориф. Ислоҳот тавассути платформаҳои рушд, аз ҷумла Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд ва Гурӯҳи маҳаллӣ оид ба маориф пешбарӣ карда шуда, ба Стратегияи миллии рушди маориф ва **чорчӯбҳо** дар бахши маориф, аз ҷумла Чаҳорчуби ҳамкории **СММ оид ба рушди устувор** барои солҳои 2023-2026 ворид карда мешаванд. Оқибатҳои тағйирёбии иқлим душвориҳо, махсусан норасоии об ва офатҳои табиии бештар ва шадидро ба вуҷуд меоранд.

Тоҷикистон баррасии масъалаҳои **об, тағйирёбии иқлим ва паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табииро дар сатҳи байналмилалӣ** идома медиҳад. Тоҷикистон ҳамчун сарпарасти асосии Қатъномаи 71/22 - и Маҷмаъи умумии СММ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", Конфронси сатҳи баланд оид ба масъалаҳои обро дар шаҳри Душанбе дар соли 2022 баргузор кард.

Дар он даъват карда шуд, ки ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба оби ошомидании беҳатар ва дастрас, инчунин эътироф намудани нақши муҳими об дар ҳифзи воситаҳои рӯзгузаронӣ ва муҳити зист чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Маҷмаъи умумии СММ ҳамчунин соли 2025-ро Соли байналмилалии пиряххо эълон кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қарорро пешниҳод карда, дар бораи аз даст додани пиряххо ҳамчун манбаъи оби ошомиданӣ сатҳи огоҳиро баланд бардошт.

Тоҷикистон барои ташкил намудани Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряххо ҷиҳати омӯзиши оқибатҳои гармшавии глобалӣ ва муайян кардани роҳҳои коҳиш додани обшавии пиряххо даъват намудааст. Дар соли 2022, дар Тоҷикистон ҳамчунин Форуми минтақавии роҳбарони мақомоти ҳолатҳои фавқулоддаи кишварҳои Осиёи Марказӣ барои густариши ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табиӣ баргузор гардид.



© Press-center of the President of Tajikistan

[5] Саҳми асосӣ дар кори Шӯрои миллии рушд ва харитаи роҳ таҳқиқоте буд, ки аз ҷониби Гурӯҳи кишварии СММ дар чорчӯби барномаи муштарак: Маблағгузории Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар Тоҷикистон гузаронида шуд. Дар бораи ин Гурӯҳи кишварии СММ дар соли 2021 гузориш дод.



© Shodibek Sharipov, FAO Tajikistan

БОБИ 2

# БОЗНИГАРИИ НАТИҶАҲОИ МИЁНАМУҲЛАТ ВА НИҲОИИ БАРНОМАИ ҚОЛАБИИ СММ ОИД БА РАСОНИДАНИ КУМАК БАРОИ РУШД

Шарикии СММ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эътимод, соҳибияти муштарак ва ҳисоботдиҳӣ асос ёфтааст. Аз замони ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991, СММ наздиктарин шарики башардӯстона ва рушд буда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил намудани идораҳои мухталифи он, сармоягузорӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин дастгирии ҳадафҳои миллӣ кумак кардааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Гурӯҳи кишварии СММ Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак ҷиҳати рушд барои солҳои 2016-2022-ро ҳамчун механизми дастгирии ноил шудан ба афзалиятҳои рушди Тоҷикистон таҳия намуд, ки бо Ҳадафҳои рушди устувор мувофиқат мекунад. Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд дар атрофи чаҳор самти стратегии ҳамкорӣ (сутунҳо) ташкил карда шудааст, ки дорои шаш (6) "натиҷаҳои ниҳоии" стратегӣ мебошад ва онҳо ба таври муштарак аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ва СММ бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шудаанд. Дар соли 2022, Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд аҳамияти худро ҳифз намуда, бо ҳадафҳои миллии рушди Тоҷикистон мувофиқ буд, ки ба афзалиятҳо ва ниёзҳои кишвар ва шаҳрвандони он нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки идораҳои СММ мандатҳо, меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалии худро ба таври самарабахш иҷро мекарданд. Идораҳои СММ бетарафӣ, беғаразӣ, таҷрибаи техникӣ ва обрӯи худро дар мусоидат ба пешрафти Тоҷикистон дар соҳаҳои муҳими ислоҳот ва пайвастани онҳо ба Ҳадафҳои рушди устувор нишон доданд. Ҳамчунин, омилҳое ба монанди муколамаи фаъол бо Ҳукумат, шарикии қавӣ байни идораҳои СММ ва ҷонибҳои манфиатдори миллӣ ва иртибот бо шарикони рушд ба татбиқи самарабахши Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд мусоидат карданд.

## НАТИҶАҲО

1. Идоракунии демократӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон
2. Рушди иқтисодии устувор ва одилона
3. Рушди иҷтимоӣ ( тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ)
4. Ғизохӯрӣ ва амнияти озуқаворӣ
5. Фарогирӣ ва тавонмандсозии гурӯҳҳои осебпазир
6. Муқовимат ва устувории муҳити зист



© UNODC Tajikistan

# НАТИҶАИ НИҲОИИ 1

## ИДОРАКУНИИ ДЕМОКРАТӢ, ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

*Ҳуқуқҳои мардуми Тоҷикистон ҳифз мешаванд ва мардум аз дастраси беҳтар ба адолати судӣ ва хизматҳои босифате, ки аз ҷониби муассисаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дар ҳамаи сатҳҳо ба таври шаффоф, масъулиятнок ва бо таваҷҷӯҳ ба масоили гендерӣ расонида мешаванд, бархӯрдор мегарданд.*



**Буҷети банақшагирифташуда**

**$6,967,136**

**Буҷети таъминшуда**

**$6,136,569**

Муассисаҳои самарабахш ҳисоботдиҳанда мебошанд ва аз коррупсия озод барои рушди устувор муҳим мебошанд. Дарҷ намудани баробарӣ ва роҳ надодан ба табъиз дар чорчӯби қонунгузорӣ ва таъмини озодиҳои иттиҳодияҳо ва иштирок барои таҳкими қонуният, одилона будани қонунҳо ва таҳкими эътимод ва ваҳдати ҷомеа муҳим мебошанд.

Бар асоси комёбиҳои солҳои қаблӣ ва муносибатҳои боэътимод бо Ҳукумат ва шарикон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми СММислоҳоти прагматикии идоракуниро дастгирӣ намуд. Онҳо ба таҳкими қонунгузорӣ ва сиёсатҳои соҳавӣ, инчунин такмил додани системаҳои ҳисоботдиҳӣ, аз ҷумла дар идоракунии давлатӣ, мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва институтҳои ҳуқуқи инсон мусоидат карданд.

Мутобиқи стандартҳои байналмиллалӣ, СММ муассисаҳои ҳукуматиро ҷиҳати таҳияи тавоноиҳои нав ва пешниҳоди хидматрасониҳои босифат ва фарогир, ки ҳассос ба масъалаҳои гендер мебошанд ва ба далелҳо асос ёфтаанд, аз ҷумла барои мониторинг ва назорати мустақил дастгирӣ намуд. Дорандагони ҳуқуқ , махсусан аз гурӯҳҳои осебпазир, аз дастраси беҳтар ба иттилоот ва хидматрасониҳо, аз ҷумла кумаки ройгони ҳуқуқӣ ва имкониятҳо барои баён намудани нигарониҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои худ бархурдор шуданд.

Низоми СММ пешбурди ташвиқоту тарғиботи муштарак ва пешниҳоди машваратҳои сиёсӣ ва дастгирии техникӣ оид ба муайян кардани тағйироти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мутобиқи Стратегияи миллии рушд (СМР-2030) ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистонро идома дод. Қабул намудани Қонун "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" дастовардӣ асосӣ буд. Низоми СММ ташвиқ намудани дастрасӣ ба адолати судиро идома дода, расонидани кумаки ройгони ҳуқуқии аз ҷониби давлат маблағгузоришаванда ба гурӯҳҳои осебпазирро дастгирӣ намуд.

Барои ноил шудан ба ҲРУ, фарҳанги андозагирӣ, мониторинг ва арзёбӣ муҳим аст. Низоми СММ таҳкими механизмҳои кориро барои назорат ва идоракунии натиҷаҳо идома дод. Агентии омор ва дигар идораҳои оморӣ барои ошкор ва бартараф кардани холигоҳҳои асосӣ дар иттилоот ва омор оид ба нишондиҳандаҳои вобаста ба ҲРУ, гурӯҳҳои осебпазир ва таҳияи додаҳои босифат ва гурӯҳбандишуда дастгирӣ карда шуданд.

**Пешрафт дар самти ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоӣ:**

- Бисту панҷ (25) чорчӯби ҳуқуқӣ, барномаҳо ва стратегияҳои миллӣ ё соҳавӣ, аз ҷумла барои системаи ҳифзи иҷтимоӣ барои инъикос намудан стандартҳои байналмиллалӣ, нишондиҳандаҳо ва ҳадафҳои ҲРУ бомуваффақият қабул ё тақвият дода шуданд.
- Ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таҳияи Нақшаи миллии амал (НАМ) ҷиҳати татбиқи тавсияҳои Шарҳи умумии давравӣ (ШУД) кумак карда шуд.
- Кумаки ройгони ҳуқуқӣ ба 12044 шахсони осебпазир, аз ҷумла шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо ки аз се ду ҳиссаи онҳоро занон ташкил медиҳанд дастрас шуд.
- Дар тӯли тамоми давраи амалисозии Барномаи қолабии СММ оид ба расонидани кумак барои рушд бештар аз 60000 нафар кумак ва машваратҳои муҳими ҳуқуқӣ дарёфт намуданд.
- Ҳиссаи одамоне, ки аз хидматрасониҳои ҳуқуқӣ қаноатманд буданд, дар солҳои 2018 ва 2022 аз 69 то 98 фоиз афзоиш ёфт.
- Ҳамаи тадбирҳои асосӣ дар Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда шуданд, ки бештар аз 20% онҳо мустақиман аз ҷониби низоми СММ дастгирӣ карда шуданд.
- Заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалии низоми адолати судии ҷиноятӣ ба стандартҳои байналмилалӣ бештар мутобиқ карда шуданд; масалан, бештар аз 300 корманди шуъбаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, милитсия ва судяҳо қодир мебошанд, ки хидматрасониҳои босифат ва некхоҳ барои ҳифзи кӯдаконро барои кӯдакони дар тамос ва дар мухолифат бо қонун қарордошта пешниҳод намоянд.
- 19 нишондиҳандаи дигар барои СМР ва ҲРУ ба стандартҳои байналмилалии додаҳо мутобиқ карда шуданд ва ҳоло барои онҳо додаҳои боэътимоди миллии гурӯҳбандишуда аз рӯи ҷинс дастрас мебошанд.



© IOM Tajikistan

## Мушкилиҳо

- Барои волояти қонун ва озодии ҷамъиятӣ мушкилиҳои давомдор вуҷуд доранд, ки бо коррупсия тақвият меёбанд.[7]
- Қонун “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ”, ки дар соли 2020 қабул карда шудааст, талаботро барои гирифтани кумаки ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ба таври назаррас тағйир дод. Ин боиси якбора кам шудани шумораи шахсоне шуд, ки кумаки ҳуқуқии ҷиноятиро дарёфт мекунанд ва бисёре аз шахсони осебпазир дар марҳилаҳои муҳими мурофиаи ҷиноятӣ бидуни намояндагии ҳуқуқӣ монданд. Қонун “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ” ҳамчунин барои қурбониёни зӯроварии гендерӣ прокурорҳои хусусиро пешбинӣ намекунад.
- Ҳуқуқи кӯдакон ба гирифтани кумаки ҳуқуқӣ ҳоло ба вазъияти молиявии падару модарон вобаста аст, ки дастрасии ҳамаи кӯдаконро ба кӯмаки ҳуқуқӣ душвор месозад ва осебпазирии онҳоро афзоиш медиҳад.
- Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ) барои дастгирии татбиқи тавсияҳои механизмҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ба монеаҳои доимӣ дучор мешаванд.

### ҚИССАИ БОМУВАФФАҚИЯТ ДАР БОРАИ НАТИҶАИ НИҲОИИ 1




| Бақайдгирии таваллуд | 2021 | 2022 |
|---|---|---|
| То 1 сола | 218,206 | 232,733 |
| Старше 1 года | 53,015 | 49,997 |
| Ҳамагӣ, бақайдгирӣ | 271,221 | 282,730 |

### Бақайдгирии "шахси ноаён" дар Тоҷикистон

Имрӯз дар Тоҷикистон қариб ҳамаи кӯдакони то 5-сола шаҳодатномаи таваллуд доранд, вале шумораи кӯдакони аз 5-сола боло, ки ба қайд гирифта нашудаанд, маълум нест. Шумораи кӯдакони аз 5 то 18-сола, ки ба қайд гирифта нашудаанд Ба қайд нагирифтани таваллуд метавонад оқибатҳои ҷиддӣ дошта бошад. Мисол, Фотима: ӯ 13-сола аст ва аз минтақаи деҳоти вилояти Хатлон мебошад. Падараш тоҷик ва модараш ӯзбек. Издивоҷи онҳо ғайрирасмӣ аст. Модари Фотима ҳуҷҷати расмӣ надорад. Таваллуди Фотима ва хоҳарону бародаронаш ба қайд гирифта нашудаанд. Ин ҳолат онҳоро дар ҷомеаи Тоҷикистон ба "шахсони ноаён" табдил медиҳад ва ба дастрасии онҳо ба як қатор хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ монеъ мешавад. Барои ҳалли ин мушкил, низоми СММ барномаи Қонун ва беҳбудиро дастгирӣ мекунад, ки ба оилаҳо барои ба қайд грифтани таваллуди кӯдакони онҳо кумак мерасонад. Барнома ба шарикӣ ва мубодилаи додаҳо дар байни мақомоти маҳаллӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои муайян кардани кӯдакони бақайдгирифтанашуда ва додани ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсият, аз ҷумла тавассути воҳидҳои сайёр дар минтақаҳои дурдаст ва деҳот мусоидат мекунад.

Имрӯз Фотима ва хоҳарону бародаронаш шаҳодатномаи таваллуд доранд ва аз ҳуқуқу имтиёзҳои шаҳрвандӣ бархурдор мебошанд. Онҳо метавонанд орзуи ҳаётии худро барои ташриф овардан ба Ӯзбекистон ва дидорбинӣ бо оилаи тарафи модарашон иҷро кунанд. Ҳоло барои Фотима ҳама чиз имконпазир аст.

[7] Тоҷикистон дар байни 180 кишвари ҷаҳон дар ҷои 150 қарор гирифтааст. Индекси дарки коррупсия, 2021, https://www.transparency.org/en/cpi/2021/index/tjk



© Manuchehr Ruziev, UNICEF Tajikistan

*“Дар мактаб ман як орзуи дигар пайдо кардам — мехоҳам омӯзгор шавам. Ва ман ҳамчунин мехоҳам, ки ҳамаи кӯдакони ҷаҳон ҳаргиз бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсиятaшон Мушкилиҳо надошта бошанд!”*

**Фотима**



© Umedjon Akhmedova, WFP Tajikistan

# НАТИҶАИ НИҲОИИ 2

## РУШДИ УСТУВОР ВА ОДИЛОНАИ ИҚТИСОДӢ

*Мардуми Тоҷикистон аз рушди устувор ва одилонаи иқтисодӣ тавассути истифодаи муносиб ва самараноки захираҳои меҳнатӣ; таъмини устувори қувваи барқ; дастраси беҳтар ба донишҳои махсус ва иноватсионӣ ва фазои бозам мусоиди соҳибкорӣ, алалхусус барои соҳибкорон ва кишоварзон баҳраманд мегарданд.*



**Буҷети банақшагирифташуда**

**$8,549,093**

**Буҷети таъминшуда**

**$4,893,089**

**Сифати рушд аз соли 2000** инҷониб барои коҳиш додани нобаробарии даромадҳо ва таъсиси ҷойҳои кории муносиб ба қадри кофӣ кор накардааст. Барои дастгирии мардуми Тоҷикистон ҷиҳати баркарор шудан аз пандемияи COVID ва оғози гузариш ба рушди устувор, низоми СММ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ ва шарикон дар бахши тиҷоратиҷорат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои пайгирии рушди иқтисодии дигаргунсоз, фарогир ва сабз ҳамкорӣ кард. Ҳадаф аз коҳиш додани вобастагии иқтисодӣ аз интиқоли маблағ ва истеъмол ва таҳияи сиёсат ва муҳити танзимкунанда иборат мебошад, ки ба сармоягузории аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки ҳукумат ва хусусӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ ва сабз мусоидат мекунад. Кишоварзӣ манбаи асосии воситаи зиндагӣ буда, тақрибан чоряки ММД-ро ташкил медиҳад: Рушди фарогир ва сабз бояд маҳсулнокии соҳибкорони хурдро афзоиш дода, амнияти озуқавориро тақвият бахшад.

Стратегияҳои мудохила аз дастгирии ҳамгироишудаи сиёсат ва машварат дар сатҳи миллӣ ва кӯмаки техникӣ ба мақомоти ҳукумати маҳаллӣ иборат буд. Тавонмандии беш аз 850 иштироккунандаи миллӣ ва маҳаллӣ барои амалӣ намудани банақшагирии стратегӣ, буҷетсозӣ ва мониторинги барномаҳои рушд баланд бардошта шуд. Ҳама ташаббусҳои аз ҷониби СММ дастгиришуда барои таъмини иштироки занони зери хавфи аз мадди назар дурмонда ва дигар гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шудаанд.

### Пешрафт дар самти натиҷаи ниҳоӣ:

Кӯмаки СММ ба таҳия ва қабули 14 санади стратегии марбут ба сиёсат дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ оварда расонд, ки вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои стратегии рушдро дар бар гирифт. Дастовардҳои назаррас инҳоянд:

- Стратегияи иқтисодиёти сабзи миллӣ то соли 2037.
- Барномаи миллӣ барои шуғли ҷавонон, занон ва шахсони маъюб.
- Барномаи миллии тақвиятёфта барои рушди бахши хусусӣ то соли 2025.
- Стратегияи рушди миллӣ барои кишоварзӣ ва Стратегияи таҷдидшудаи амнияти озуқаворӣ то соли 2030.
- Таҷдиди Қонун дар бораи тиҷорати электронӣ ва тартиботи бозништарии сиёсати сармоягузории миллӣ.

Ба ҳамкорӣ бо Хазинаи Иқлими Сабз суръат бахшида шуд ва низоми СММ дар таҳияи Барномаи кории Хазинаи Иқлими Сабз [1] барои солҳои 2022-2027 барои ҷалби маблағгузорӣ дар бахши иқлим кӯмак кард. Бо роҳнамоии низоми СММ шаш лоиҳаи афзалиятнок барои баррасӣ аз ҷониби Котиботи Хазинаи Иқлими Сабз пешниҳод карда шуд, ки аз 11 то 87 миллион доллари ИМА арзиш дорад.

Дар сатҳи маҳаллӣ таҳия ё таҷдид намудани Нақшаҳои рушди ноҳияҳо барои 10 ноҳия ҷиҳати ба мувофиқа овардан бо стратегияҳои миллӣ, дар бар гирифтани фаъолиятҳои Ҳадафҳои стратегии рушд ва ҳамгироии тадбирҳои фарогир оид ба баробарии гендерӣ, тавонмандсозии ҷавонон ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим кӯмак кард [2]. Устувории нақшаҳои ноҳиявӣ бо тавонмандии нави мақомот ва дастгоҳҳои идоракунии мунитсипалӣ ҷиҳати анҷом додани машваратҳои мушоракатӣ бо ҷомеаҳо ва тарафҳои манфиатдори маҳаллӣ дастгирӣ карда шуд.

Низоми СММ дастгирии барномаҳои мақсадноки воситаҳои зиндагӣ, амнияти озуқаворӣ ва дастгирии шуғлро идома дод, ки зиёда аз 14,000 баҳрагиронро фаро гирифт, 55 фоизи онҳоро занон ташкил медоданд.

Ҳамкорӣ бо корхонаҳои миёна ва хурд дар пешниҳоди машваратҳо оид ба пешбурди тиҷорат, дастгирии ҳуқуқӣ ва хидматрасониҳои иттилоотӣ барои мутобиқшавӣ ва рақамисозии COVID-19 устувор буд. Кӯмаки СММ имкон дод, ки 47 лоиҳаи инфрасохтори иқтисодии маҳаллӣ, 18 лоиҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳои деҳот ва 97 гранти хурд ё қарзҳо молиявии хурд ба соҳибкорони оиндадор, ки 58 фоизро занон ва 42 фоизро ҷавонон ташкил



© Shohibek Sharipov, FAO Tajikistan

[1] Барномаи кории Хазинаи Иқлими Сабз

[2] Ҳисоботи солонаи лоиҳаҳои LITACA, SCM, NDC



© Shodibek Sharipov, FAO Tajikistan

## Мушкилиҳо

- Чунон ки аз пандемияи COVID-19 бармеояд, иқтисод бо хавфҳои зиёд ва номуайянӣ дучор мешавад, ки бинобар пурзӯр шудани режими таҳримҳо бар иқтисоди Русия ва амнияти сарҳад бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Афғонистон мебошад.[3]
- Холигоҳҳои калон дар сиёсати сармоягузорӣ ба осонии пешбурди тиҷорат ва сафарбаркунии самараноки сармоягузориҳои мустақими хусусӣ ва хориҷӣ монеъ мешаванд.[4]
- Имкониятҳои буҷетии Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳдуд боқӣ мемонанд, самаранокии хароҷоти давлатӣ дар умум дар сатҳи паст қарор дорад [5] ва бозорҳои сармоя маҳдуданд; ҳамаи ин дар якҷоягӣ дурнамои роҳҳои ҳалли инноватсионии масъалаҳои молиявӣ, аз ҷумла вомбаргҳо "сабз" ва маблағгузории омехтаи бахши тиҷорат норавшан мегардонад.
- Рақамигардонӣ ва ҷорӣ намудани хидматрасониҳои электронӣ аз афзалиятҳои Ҳукумат башумор намераванд ва суръати сармоягузориро ба технология ва таҷҳизоти рақамӣ коҳиш медиҳад.

[3] https://openknowledge.worldbank.org/handle/10986/38098
[4] Масалан, оид ба андозситонии дукарата, мувофиқат ба стандартҳои меҳнатии созмони байналмилалии меҳнат ва озодии маҳдуди судии, Бознигарии сиёсати сармрягузорӣ нигарониҳо вуҷуд доранд, UNCTAD, моҳи ноябри соли 2022.
[5] https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/per-2022





## Мактабҳои саҳроӣ барои фермерон, ки ҳеҷ касеро аз мадди назари худ дур намегузоранд

Дар саросари Тоҷикистон аз ҳар чаҳор як хонавода ҳадди ақал як узви хонавода дар хориҷа ба унвони муҳоҷири корӣ муваққатӣ кор мекунад. Муҳоҷирон ҳудуди 10 дарсади ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ки аксаран мардони деҳот ҳастанд. Оилаҳое, ки онҳо дар деҳот мегузоранд, аксаран осебпазиранд, барои идора кардани хоҷагиҳои хурд мубориза мебаранд ва устувории иқтисодии заиф доранд.

Мактабҳои саҳроии фермерон як роҳи баланд бардоштани тавонмандиҳои занон ва ҷавонон барои пур кардани холигоҳҳо мебошанд. Лоиҳа бо ташаббуси муштараки ФАО, СБМ, ЮНИСЕФ ва СММ-Занон аз ҷониби Фонди боварии бисёршарикӣ оид ба Муҳоҷират маблағгузорӣ мешавад. Ба мактабҳои саҳроӣ зиёда аз 25 сол пеш ҳамчун алтернатива ба равишҳои тавсеабахшии деҳот аз рӯи принсипи "аз боло ба поин" оғоз бахшида шуда буд. Шунавандагон бо анҷом додани машқҳои амалии саҳроӣ, мушоҳидаи мустақим, муҳокима ва қабули қарорҳо омӯзиш мегиранд.

Дар се минтақа 50 мактаби саҳроии фермерон ҷиҳати ба омӯзиш фаро гирифтани 1000 нафар ҷавонон фаъолият мебаранд. Шунавандагон дар мавзӯъҳои обёрии қатрагӣ, кишоварзии органикӣ ва парвариш дар гармхонаҳо, инчунин малакаҳои ҳаётӣ бо машғулиятҳои амалӣ ва омӯзиши "ҳамсол бо ҳамсол" ҷалб мегарданд. Онҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокии хоҷагиҳо, парвариши зироатҳои арзиши иловашуда ва кӯмак ба оилаҳои худ дар мубориза бо номуайянӣ малакаҳои нав ба даст меоранд.

Лоиҳа мониторинги саҳмҳои мустақим ва ғайримустақими худро барои беҳбуди шароити зиндагии маҳаллӣ идома медиҳад. Барои тавсеа бахшидани татбиқи он ба шарикони давлатӣ ва байналмилалӣ далелҳо пешниҳод карда мешаванд.



© Nozim Kalandarov, FAO Tajikistan




© Marifat Saidalieva

# НАТИҶАИ НИҲОИИ 3

## РУШДИ ИҶТИМОИИ БОСИФАТ ВА ФАРОГИР

*Мардуми Тоҷикистон аз низомҳои босифат, одилона ва фарогири тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ манфиат мебаранд.*



Буҷети банақшагирифташуда

**$30,352,897**

Буҷети таъминшуда

**$29,945,622**

Дар ҳоле ки сатҳи камбизоатӣ поён рафтааст, Тоҷикистон дар Осиёи марказӣ кишвари фақиртарин боқӣ мемонад [1] ва кӯдаке, ки имрӯз таваллуд мешавад, интизор меравад, ки ӯ метавонад танҳо ними баҳраҳои тандурустӣ ва маорифро дошта бошад[2].

Дар сифат ва фарогирии хидматрасониҳои муҳими иҷтимоӣ, алалхусус дар минтақаҳои кам хидматрасонишудаи деҳот ва гурӯҳҳои осебпазир холигоҳҳо мавҷуданд. Кишвар ба таконҳои иқтисодии берунӣ хеле осебпазир аст. Пандемияи COVID-19 осебпазирии сохторӣ ва паҳншавии нобаробариро ошкор кард. Ҳамаи ин дурнамои ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва Ҳадафҳои рушди устуворро барои иқтисодиёти рушдкунанда ва диверсификатсияшаванда ва ҷомеаи пешрафту пурмаҳсул халалдор мекунанд. Кӯшишҳо барои таъмини тандурустӣ ва некӯаҳволии мардум дар Тоҷикистон ба афзоиши сармоягузории боз ҳам одилона ба соҳаҳои муҳими тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ вобаста аст. Дар навбати худ, хидматрасониҳои муҳими босифат ва дастрас ба таъмини воситаҳои боэътимоди рӯзгузаронӣ ва иқтисоди қавитар ва устувортар мусоидат хоҳад кард.

## ТАНДУРУСТӢ

### Пешрафт ба хотири натиҷаи ниҳоӣ

Низоми Созмони Милали Муттаҳид корашро дар самти низомҳои тандурустии қавитар ва таҳкими саломатӣ идома дод. Дар соли 2022 ба кафолати сифат, такмили маблағгузорӣ ва низомҳои иттилоотии тандурустӣ ва самаранокии молҳои зарурӣ: доруворӣ, ваксинаҳо ва таҷҳизоти тиббӣ таваҷҷӯҳи иловагӣ дода шуд.

Роҳбарони соҳаи тандурустӣ ва хидматрасонҳо тавонмандии худро барои пешниҳоди хидматрасонии босифат мутобиқи дастурҳо ва протоколҳое тақвият доданд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқанд. Фазои фискалӣ ва таҳлили хароҷот барои беҳтар кардани ҳадафгирии хароҷоти соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат намуд. Кӯшишҳои муштарак ҷиҳати институтсионализатсияи вокуниш ба осебпазирӣ ва табъиз дар сиёсати тандурустӣ ва стандартҳои хидматрасонӣ анҷом дода шуданд.

### *Эмкунӣ*

Кӯшишҳои махсус барои нигоҳ доштани эмкунии муқаррарӣ дар заминаи пандемияи COVID-19 ва паҳнкунии ваксина мусоидат карданд; 97 фоизи кӯдакони то яксола вояи 3-юми ваксинаи панҷвалентиро гирифтанд, аз ҷумла маъракаҳои иловагӣ бар зидди сурхча, паротит ва полиомиелит анҷом дода шуданд. Ҳимоятҳои муштараки СММ ва шарикони дигари байналмилалӣ ба афзоиши маблағгузории ваксинаҳо аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ мусоидат карданд.

### *Саломатии занон ва кӯдакон*

Маъракаҳои эҷоди талабот ва намоишгоҳҳои тандурустии ҷамъиятӣ ба зиёда аз 4000 занон ва духтарон имкон доданд, ки хидматрасониҳоро дар самти солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, солимии ҳайз ва банақшагирии оиларо дастрас кунанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳиссаи хароҷотро барои воситаҳои контрасептивӣ 5 фоиз зиёд кард; Зиёда аз 900 000 занони синни репродуктивӣ аз хидматрасонии банақшагирии оила истифода бурданд, ки ин боиси афзоиши сатҳи паҳншавии контрасептивҳо аз 39 фоиз дар соли 2018 то 44 фоиз дар соли 2022 гардид.

Фоизи занони ҳомиладор, ки аз назорати пеш аз таваллуд бархурдор ҳастанд, аз 64 фоизи соли 2017 то 75 фоиз дар соли 2022 афзоиш ёфт; маҷмӯи хизматрасонӣ оид ба нигоҳубини босифат оид ба саломатии репродуктивӣ, модарон, неонаталӣ, кӯдакон ва наврасон қабул ва хароҷоти он ҳисоб карда шуд

280 хидматрасони соҳаи тиб ёрии босифати перинаталӣ, аз ҷумла ёрии таъҷилии акушериро тибқи стандартҳои тасдиқшудаи миллӣ пешниҳод мекунанд ва бо Қазоқистон барномаи нави дастгирии акушерӣ барои таҳкими стандартҳои хизматрасонӣ, нақшаҳои таълимӣ ва омӯзиш таъсис дода шудааст.

Барнома мобили барои волидон бо номи Bebbo [3] барои мусоидат намудан ба воя расонидани кӯдакони хурдсол ҷорӣ карда шуд.

### *Бемории сил ва ВНМО*

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои қабули протоколҳои нави табобати беморӣ сил ва бастаҳои омӯзишӣ барои реҷаҳои табобати кӯтоҳи тағирёфта дастгирӣ карда шуд; сатҳи пешрафти табобат барои ноил шудан ба фаъолиятҳои Ҳадафҳои рушди стратегӣ мувофиқ аст

Кӯшишҳо оид ба пурзӯр намудани назорати эпидемиологӣ ва васеъ ва танзим намудани хизматрасонии босифат ба шахсони гирифтори ВНМО боиси афзоиши шумораи одамоне гардид, ки ҳолати худро медонистанд - аз 67% дар соли 2016 то 88%; Аз ин 92 дарсад дар соли 2022 аз муолиҷаи зиддиретровирусӣ баҳра гирфитанд.

Шабакаҳои Teenergizer ҷиҳати ташкили мавҷудият дар Душанбе ва Кулоб барои ҳимояи ҳуқуқи наврасон бо санҷиши мусбати ВНМО ва иштироки маънодори онҳо дар ҷомеа дастгирӣ карда шуданд.

### Мушкилиҳо

- Захираҳои буҷетии нокофӣ барои соҳаи тандурустӣ аз ҷумла норасоии контрасептивҳо
- Инфрасохтори заифи тандурустӣ, алалхусус дар сатҳи ноҳияҳо, тақсими нобаробари кормандони тандурустӣ миёни минтақаҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ ва зуд-зуд тарки кор кардани кормандон
- Набудани шабакаи ягонаи таъминот ва низоми логистикӣ барои маҳсулоти соҳаи тандурустӣ
- Набудани маркази фелдшерию акушерӣ дар лоиҳаи тибби оилавӣ, ки дастрасии занонро ба хидматрасониҳои солимии репродуктивӣ коҳиш медиҳад
- Вобастагӣ аз манбаъҳои байналмилалӣ барои маблағгузории барномаҳои пешгирии ВНМО ва доғи нанг ва табъизи иҷтимоии паҳншуда [4]

[1] Бонки ҷаҳонӣ, 2020, Poverty headcount ratio at national poverty lines (% -и аҳолӣ); Poverty headcount ratio at $1.90 a day (2011 PPP) (%-и аҳолӣ). Шумораҳои одамони дар шароити фақри фавқулодда ё барои камтар аз $1.90 дар рӯз зиндагикунанда дар 15 соли охир тағйир наёфтааст.

[2] Бонки ҷаҳонӣ, 2019, Таҳсилоти барвақтии кӯдакон ва парасторӣ: Бознигарии тамаркузшудаи таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон..

[3] Барномаи волидони Bebbo иттилооти фарогир, ба далелҳо асосёфта ва воситаҳои интерактивиро барои пайгирии рушди кӯдак, эмкунӣ ва санҷишҳои саломатӣ, ҳамчунин дастгирии омӯзиши барвақтӣ, ғизо, иҷрои ҷавобии вазифаҳои волидон, ҳифз ва амният таъмин менамояд.

[4] Масалан, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сирояти ВНМО-ро криминалӣ мегардонад




ХИКОЯИ МУВАФФАҚИЯТ, НАТИҶАИ НИҲОИИ 3

ТАНДУРУСТӢ

## Дастрасӣ ба ваксинаҳо ба ҳамаи кӯдакон

Ҳама кӯдакон сазовори ояндаи дурахшон ва солим мебошанд. Аммо кӯдакони хурдсол ба бемориҳои сироятӣ ҳассос ҳастанд, ки ба ҳаёти онҳо хатар доранд. Ҳарчанд ваксинаҳо ва эмкунии муқаррарӣ беҳтарин роҳи муҳофизат аз ин таҳдидҳо мебошанд, ваксинаҳои нав барои бисёре аз кишварҳои дар ҳоли рушд дастнорас боқӣ мемонанд.

Дастрас кардани ваксинаҳои нав барои кӯдакон дар Тоҷикистон ва таъмини парасторон бо иттилоот ва дастгирии онҳо ҷиҳати аз мадди назар дур намондани касе муҳим аст. Бо дастгирии СММ Тоҷикистон дар панҷ соли охир се ваксинаи нав, аз ҷумла ваксинаи зидди пневмококкро ҷорӣ кард. Ин имкон медиҳад, ки ҳар сол тақрибан 5000 ҳолати пневмония, 7000 ҳолати сепсис ва 500 ҳолати менингит пешгирӣ карда шавад. Низоми СММ маъракаҳоро барои пешбурди қабули ваксинаҳои нав аз ҷониби оилаҳо ва парасторон дар асоси назорат ва санҷиши ҷидди сифат дастгирӣ кард.

Он инчунин барои ба кор андохтани барномаи волидонии Bebbo кӯмак кард, ки дар бораи ҷадвали ваксинаҳо маълумот медиҳад ва ба оилаҳо ва парасторон имкон медиҳад, ки эмгузарониро ба қайд гиранд, муоинаи муқаррариро анҷом диҳанд ва марҳилаҳои асосии рушдро пайгирӣ намоянд.

Тоҷикистон дар тӯли тамоми давраи пандемияи COVID-19 сатҳи таъсирбахши иммунизатсияро нигоҳ дошт. СММ дастгирии Тоҷикистонро барои ҳифзи саломатии кӯдакон, коҳиш додани сарбории бемориҳо ва пешгирии хуруҷи минбаъдаи он идома медиҳад.

unicef for every child · WFP World Food Programme · World Health Organization · UNFPA · UNHCR The UN Refugee Agency · UNESCO

**Буҷети банақшагирифташуда**

**$6,453,676**

**Буҷети таъминшуда**

**$5,490,796**

**МАОРИФ**

Низоми СММ барои ҳалли Мушкилиҳои муҳим дар соҳаи маориф фаъолит бурд. Омӯзгорон, мактабҳо, волидон ва парасторон имкониятҳои навро барои таъмини дастрасии бехатар ва фарогир ба таҳсилоти босифат барои фарзандони худ, аз ҷумла оилаҳо ва кӯдакони гурӯҳҳои осебпазир тахия карданд. Таҳкими низоми маориф тавассути кӯшишҳои ҳамбаста ва ҳамоҳангшуда бо Ҳукумат ва дигар субъектҳои соҳаи маориф дастгирӣ карда шуд. Ҳамаи ин кӯшишҳое буданд, ки маслиҳатҳои сиёсӣ, таҷрибаи техникӣ ва захираҳои молиявӣ барои дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 ва фаъолиятҳои Ҳадафи рушди стратегии 4 истифода бурда шаванд. Соҳаи маориф гирандаи калонтарини кӯмаки молиявии хориҷӣ аз ҷомеаи байналмилалӣ мебошад [1]; он бояд нисбат ба пул ва шаффофият арзиш нишон диҳад. Бо пайванд намудани соҳаи маориф бо қобилияти таъминшавӣ бо ҷойи кор, низоми СММ сиёсат ва барномаҳоро барои таҳсилоти боз ҳам фарогир ва сифати баланд дастгирӣ намуд, ки ба ҳамаи кӯдакон ва ҷавонони асри 21 малакаҳои [2] комёб шудан бо ҷойи кор дар иқтисодиёти гуногунҷанба ва бозори меҳнати расмии боз ҳам комилтар пешниҳод менамояд. Афзалиятҳо тағйироти рақамиро дар таҳсилоти омӯзишӣ ва ба салоҳият асосёфта ва гузариш ба низоми 12-солаи таҳсил дар бар мегиранд.

### Пешрафт ба хотири натиҷаи ниҳоӣ

Низоми СММ:

- Вазорати маориф ва илмро дар доираи Иҷлосияи тағйирот дар соҳаи маориф ҷиҳати муайян намудани ислоҳоти асосии низоми маориф барои ноил шудан ба мактабҳои фарогир ва солим, тадрис ва омӯзиши рақамӣ ва маблағгузории устувори соҳаи маориф дастгирӣ намуд

- Таҳияи «Эъломия оид ба ӯҳдадориҳо»-ро барои дастгирии Ҳукумат барои афзалият додан ба сармоягузориҳои дохилӣ ва байналмилалӣ барои таҳсилоти босифат, ки фарогир, аз нигоҳи гендер ҳассос ва муқовим аст, роҳбарӣ намуд

- Бо ҷомеаи байналмилалии донорҳо барои таъмини **$88.6 миллион доллари ИМА** барои иҷрои ислоҳоти афзалиятноки соҳаи маориф ва такмили натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш барои ҳамаи кӯдакон корбарӣ кард

- Дастрасиро барои **250,000 кӯдаки** синни томактабӣ ва зиёда аз **1.5 миллион хонандаи таҳсилоти ибтидоӣ** ба захираҳо ва воситаҳои рақамии омӯзишии сифати баланддошта афзоиш дод

- Танзими **750 кӯдаки гурезаи афғониро** дар низоми таҳсилоти миллӣ дастгирӣ намуд

- Ба соҳторҳои ҳукуматии дахлдор ҷиҳати содир намудани нақшаи иҷро бо ҳарошоти ҳисобшуда барои стратегияи рушди ҷавонон то соли 2030 мусоидат намуд, ки бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш, малакаҳои техникӣ ва касбӣ таҳия гардидааст

- Собит сохт, ки зиёда аз **550,000 кӯдаки** таҳсилоти ибтидоӣ ба хӯроки серғизои мактабӣ дар кулли **1,914 мактаб дар 54 ноҳия дастрасӣ доштанд**

- **950 мактабро** дар саросари Тоҷикистон, ки ба зиёда аз **740,000 кӯдак** хидматрасонӣ мекунанд, бо ашёи муҳими бехдоштӣ (собун, безараргунакҳо ва хлорин ва моддаҳои дигари безарргунӣ) таъмин намуд.




### Мушкилиҳо

- Барои таъмини комёбии рӯзномаи омӯзиши рақамӣ ва экосистемаи рақамӣ харидорӣ ва сармоягузории бештари давлатӣ зарур аст; бидуни ислоҳот дар сатҳи кулли низом ва захираҳо рушди салоҳиятҳои рақамӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар равандҳои таълиму омӯзиш маҳдуд боқӣ хоҳанд монд.

- Барои таҳкими гузариш аз омӯзиш ба даромадгирӣ, ислоҳоти таҳсилот дар асоси салоҳият (нақшаи таълимӣ ва таҷрибаҳои таълимӣ) бояд минбаъд ба минтақаҳои гуногун ва қобилиятҳои хонандагон мутобиқ карда шавад ва барои гурӯҳҳои осебпазир бештар фарогир карда шавад.

- Афзоиши сармоягузории давлатӣ ба таҳсилоти ибтидоии кӯдакӣ ба таври фаврӣ зарур аст ва Ҳукумат, СММ ва дигар шарикони байналмилалӣ бояд шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва маблағгузории инноватсионии омехтаро пайгирӣ кунанд.

[1] Аз ҷумла: Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёгии рушд, Бонки рушди исломӣ, Шарикии ҷаҳонӣ ба хотири таҳсилот, Иттиҳоди Аврупо, Агентии ИМА барои рушди байналмилалӣ ва низоми СММ.

[2] Малакаҳои фасилавии (трансверсалӣ) асри 21 (масалан, коммуникатсия, кори гурӯҳӣ ва шабакасозӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҳалли мушкилиҳо, ташаббус ва муқовимат) ва малакаҳои амиқ дар як ё зиёда касб , масалан ТИК, истеҳсолкунандагони дег, кафшергар-васлгар, кафшергар. Комиссияи Аврупо, Малакаҳо барои стратегияи саноат 2030, 2019. Ҳамчинин ниг. ба; СБМ, Skill-up, 2021; AES, What are 21st century skills, 2021.



© Umedakhon Fazylova, UNICEF Tajikistan

МАОРИФ

## ҲИКОЯИ МУВАФФАҚИЯТ, НАТИҶАИ НИҲОИИ 3

### Мактабҳои нав барои ҳаёти нав

Мактаби №3 дар ноҳияи Ваҳдат яке аз мактабҳои нав барои ҳаёти нав дар Тоҷикистон аст, ки кӯдакони гурезаи афғониро қабул кард: аз 2,500 хонанда зиёда аз панҷсад нафарашон гуреза мебошанд.

Ба монанди мактабҳои зиёди дагир дар Тоҷикистон он ба оби тоза ва воситаҳои дастшӯӣ дастрасӣ надошт ва синфхонаҳо ба стандартҳои байналмилалӣ аз нигоҳи омӯзиши бехатар ҷавобгӯ набуданд.

Вақте ки Толибон дар соли 2021 қудратро дар Афғонистон ғасб намуданд, бисёр хонаводаҳои афғон ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистон, фирор карданд. Бо дастгирии СММ сохторҳои дахлдори давлатӣ арзёбии фаврии эҳтиёҷотро барои муайян кардани камбудиҳо дар хизматрасониҳои мавҷуда ва таҳияи чораҳо оид ба ҷойгиркунии гурезаҳои ҳозира ва эҳтимолӣ оғоз намуданд.

Дар аввали соли 2022 тибқи ташаббуси муштараки низоми СММ барои пурра барқарор кардани шароити муассисаҳои таълимӣ ва об, санитария ва беҳдоштии мактаб захираҳо сафарбар карда шуданд. Имрӯз хонандагони тоҷику афғон аз синфхонаҳо ва утоқҳои дастшӯии бехатар ва муҷаҳҳаз баҳра мебаранд. Ташаббус ҳамчун намуна барои барқарорсозии минбаъдаи мактаб дар минтақаҳои аз моҷароҳо таъсирдида хизмат мекунад ва омӯзиши «ҳамсол бо ҳамсол» барои пешбурди ҷомеаҳои таҳаммулпазир, фарогир ва осоиштаро дар бар

«Мактаби нави ман беҳамто аст. Синфхонаҳо, бино, ҳоҷатхонаҳо – ҳама нави нав ҳастанд. Ин муҳит ба ман хеле маъқул аст! Ба ман ҳамчунин омӯзгорони ман маъқуланд».

**Рухмина Саидова, (15-сола), Мактаби №3, синфи 9**



Буҷети банақшагирифташуда

**$8,115,457**

Буҷети таъминшуда

**$7,384,397**

## ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

Доштани низоми ба таври муносиб маблағгузоришуда, босифат ва фарогирандаи ҳифзи иҷтимоӣ барои ноил шудани Тоҷикистон ба ҳадафҳои СМР ва фаъолиятҳои Ҳадафҳои стратегии рушди он муҳим аст. Низоми СММ барои таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи фарогирӣ, сифат ва мувофиқати даромадҳо, баҳраҳо ва хизматрасониҳои меҳнатӣ ва ҳифзи меҳнат ва фаро гирифтани гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла муҳоҷирон ва гурезаҳои мавсимӣ, паноҳҷӯён ва шахсони бешаҳрвандӣ кор кардааст.

Дар ҳамоҳангӣ бо стратегияҳои миллӣ, вазоратҳо ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллӣ барои муайян ва арзёбӣ кардани эҳтиёҷоти гурӯҳҳои осебпазир ва мутобиқ сохтани стратегияҳо, нақшаҳо ва буҷетҳо ва чаҳорчӯбаҳои мониторинг ҷиҳати фарогир, аз лиҳози гендерӣ ҳассос ва ба далелҳо асосёфта будан дастгирӣ карда шуданд. Ҷонибҳои манфиатдор тавонмандиҳои навро барои анҷом додани таҳлили хароҷот ва буҷаи ба натиҷаҳо асосёфта барои беҳтар кардани мақсаднокӣ, фарогирӣ ва самаранокии хароҷоти ҳифзи иҷтимоӣ таҳия карданд.

### Пешрафт ба хотири натиҷаҳои ниҳоӣ:

**Дар соли пурталотум кӯмаки низоми СММ ба низоми ҳифзи иҷтимоӣ имкон дод, ки зуд ва самаранок вокуниш намояд:**

- **2.1 миллион** одамони осебпазир ба кӯмаки нақдӣ, хидматрасониҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгоҳҳои кӯмакӣ дастрасӣ доштанд; ин 1.5 миллион кӯдак ва зиёда аз 10,000 шахсони солхӯрдаро дар бар гирифт.
- **3.1 миллион** мактаббачагон дар 1,900 мактаб аз хӯроки серғизо баҳраманд шуданд
- Интиқоли пули нақд дар ҳолати фавқулодда ба **тақрибан 10 000** гуреза ва паноҳҷӯён анҷом дода шуд

**Се сиёсат ва стратегияи пешбарӣ намудаи низоми СММ аз ҷониби Ҳукумат қабул гардиданд:**

- Стартегияи рушди ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон то соли 2040;
- Барномаи давлатии рушди нерӯи кории касбии ҳифзи иҷтимоӣ;
- Усули таҷдидшуда нисбат ба кӯмаки иҷтимоии ба хароҷот равонашуда;

Асосҳои нави қонунгузорӣ бо дастгирии СММ дар доираи як қатор масъалаҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои таҳсилот ба оилаҳои камбизоат, нигоҳубини алтернативӣ барои кӯдакони ятим ё партофташуда, ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон, шуғли самаранок ва иттифоқҳои касаба таҳия карда мешаванд.

### Мушкилиҳо

- Музди кам ва ҳолати ғайрирасмӣ омилҳои асосии осебпазирӣ, алалхусус барои занон ва ҷавонон мебошанд; сатҳи баланди шуғли ғайрирасмӣ қисми зиёди аҳолиро аз барномаҳо ва имтиёзҳои ҳифзи иҷтимоӣ истисно кардааст.
- Равишҳо дар дохили Ҳукумат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам хеле пароканда мебошанд ва нарасидани кадрҳои баландихтисос ва аз кор рафтани онҳо амалисозиро маҳдуд мегардонанд; стратегияи нави рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва стратегияи қувваи корӣ ба ҳалли ин Мушкилиҳо мусоидат хоҳад кард.



© Manuchehr Ruziev, UNICEF Tajikistan



© Nasrullo Ramazonov, WFP Tajikistan

## НАТИҶАИ НИҲОИИ 4

## ҒИЗО ВА АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

*Вазъи ғизои мардуми Тоҷикистон тавассути дастрасии беҳтар ба ғизои кофӣ, муносиб ва бехатар; таҷрибаҳои пешқадами ғизодиҳии кӯдакон; хизматрасониҳои беҳтари обтаъминкунӣ ва беҳдоштӣ ва дастрасӣ ба хизматҳои босифати тиббӣ беҳтар мегардад.*



**Буҷети банақшагирифташуда**

**$2,699,176**

**Буҷети таъминшуда**

**$2,003,796**

Амнияти озуқаворӣ ва норасоии маводи ғизоӣ нигаронии асосӣ ба шумор меравад: Тақрибан аз се хонавода яке аз онҳо дар ноамнии миёна ё шадиди озуқаворӣ қарор дорад ва аз 10 нафар тақрибан 1 нафар ба ноамнии шадиди озуқаворӣ рубарӯ мебошад.[1]

Норасоии маводи ғизоӣ бо камғизоии давомдор ва камбуди микронутриентҳо, инчунин пайдоиши фарбеҳӣ назаррас ва гуногун мебошад. Тахмин карда мешавад, ки ҳамасола ин талафоти иқтисодӣ 1 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад[2].

Интизор меравад, ки тағйирёбии иқлим ҳаҷм ва такроршавии хатарҳо ва офатҳои вобаста ба иқлим, ба монанди обхезӣ ва хушксолиро афзоиш медиҳад. Ин ба ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ бо чашмандози пасттар шудани сатҳи камбизоатӣ ва афзоиши осебпазирӣ таҳдид мекунад. Дар ҳоле, ки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба пандемияи КОВИД-19 муқовимати бузург нишон дод, он осебпазирии сохторӣ ва нобаробариҳоро амиқтар кард.

Таъсироти манфии давомдор вазъи бади саломатӣ, таваррум, нархи гарони маводи озуқаворӣ ва камчинии онро дар бар мегирад. Норасоиҳо дар иқтидори институтсионалӣ ҷиҳати ироаи хизматрасониҳои босифати ғизоӣ ва фаро гирифтани манотиқи камбизоати деҳот ва дурдасти кишвар барои ташвиқи ғизои солим вуҷуд доранд.

Низоми СММ татбиқи барномаҳои миллиро, ки солҳои қаблӣ дар омода кардани онҳо ёрӣ расонида буд, ҳамаҷониба дастгирӣ намуд: Нақшаи чорбиниҳои бисёрсоҳавӣ оид ба ғизо барои солҳои 2021-2025 ва Пайроҳаи стратегӣ оид ба системаҳои озуқаворӣ барои то соли 2030.

Низоми СММ диққати марказии худро пайваста ба рушди иқтидорҳо оид ба барномарезӣ бар асоси далелҳо, таҳияи буҷет, амалисозӣ ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва сиёсат ва барномаҳои ғизоӣ равона мекард. Пешравиҳои назаррас инҳоро дар бар мегиранд: Додаҳои хадамоти ҳукумати кишвар ба он ишора мекунанд, ки ҳиссаи кӯдакони то 5 сола, ки нисбат ба синну солашон камвазн ҳастанд, аз 12 фоиз дар соли 2017 ба 7.6 фоиз дар соли 2022 кам шудааст. Ин нишондиҳанда барои духтарон ва писарон мутаносибан 7 ва 8 фоизро ташкил медиҳад[3]

[1] Ҳисоби миёна барои солҳои 2016-2018. Шарҳи минтақавии амнияти озуқаворӣ ва ғизо дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ, 2019с.

[2] Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ дорои баландтарин сатҳи норасоии ғизо мебошад. Шохиси ҷаҳонии гуруснагӣ. [https://www.globalhungerindex.org/tajikistan.html]; ЮНИСЕФ ва Бонки Ҷаҳонӣ, Гузориши таҳлилии вазъи ғизогирӣ, 2012с.

[1] Пешрафт бар пояи додаҳои кории ВТҲИА асос ёфтааст.

### Пешрафт ба самти натиҷаи ниҳоӣ

Низоми СММ:

Якҷоя бо Ҳукумати кишвар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ Гурӯҳбандии марҳилаи ҳамгирошудаи амнияти озуқаворӣ (ГМҲ)-ро барои муайян кардани таъсири таконҳо ба даромадҳо, гуногунии озуқаворӣ ва ғизо ва фароҳам овардани маълумот ба шахсони тасмимгиранда дар бораи он, ки захираҳои озуқаворӣ дар ҳолатҳои фавқулодда чӣ гуна бояд тақсим карда шаванд, анҷом дод.

Иқтидорҳои нави банақшагирӣ ва паҳн кардани донишҳоро дастгирӣ намуд, ки ба 10 фоиз зиёд шудани истеҳсоли зироатҳои хӯроквории мусоидат кард.

Дар таҳияи қонунҳо ва барномаҳои нав ва муҳими сиёсат сахм гузошта, ҳамоҳангии онҳоро бо ӯҳдадориҳои Ҳукумати кишвар ва стандартҳои байналмилалӣ таъмин намуд:

- *Стратегияи давлатӣ оид ба ғизогирӣ ва фаъолияти ҷисмонӣ*
- *Қонун "Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов»*
- *Қонун "Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда»*
- *Барномаи давлатии амал оид ба тарғиби ғизои солим ва пешгирии фарбеҳшавӣ*
- *Таҷдиди протоколҳо оид ба Идоракунии ҳамгироишудаи норасоии шадиди ғизо (ИҲНШҒ)*



© Guljahon Hamroboyzoda, WFP Tajikistan

### Мушкилиҳо

- КОВИД-19 ва режими таҳримҳо бар зидди Россия таъсири манфӣ расонида истодаанд, аз ҷумла: Баландтар шудани нархҳо ва норасоии нуриҳои минералӣ, тухмиҳо ва маводи бойтарӣ ва афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквориӣ, бахусус барои хонаводаҳои камбизоат ва камдаромад.
- Барои амнияти озуқаворӣ, назорати ғизогирӣ ва ҷамъоварии маълумот маблағ намерасад.



© Aziz Akhmedov, UNICEF Tajikistan

ҲИКОЯИ МУВАФФАҚИЯТҲО, НАТИҶАИ НИҲОИИ 4

## Амнияти озуқаворӣ маълумот барои тасмимгирии беҳтар

Аз ҳар се хонавода дар Тоҷикистон як хонавода хӯроки кофӣ надорад. Дар зимн, дар бораи он, ки онҳо кистанд, дар куҷо зиндагӣ мекунанд ё шиддати вазъияти онҳо то кадом андоза аст, маълумоти кофӣ вуҷуд надорад. Ин вазъият садди роҳи вокуниши таъсирбахш аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва низоми СММ гашта, онҳоро аз расидагӣ кардан дар сатҳи кофӣ ба сатҳи афзояндаи ноамнии озуқаворӣ дар ҷомеаҳои осебпазир бозмедорад.

Соли 2022 низоми СММ ҳангоми анҷом додани Гурӯҳбандии марҳилаи ҳамгирошудаи амнияти озуқаворӣ (ГМҲ) Ҳукумати кишварро дастгирӣ намуд. Ин ташаббуси чаҳонӣ барои гузаронидани мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизоӣ мебошад. Ташаббуси мазкур дар андозагирӣ кардани таъсироте, ки таконҳо ба даромадҳо, гуногунии озуқаворӣ ва ғизо мерасонанд, кумак намуда, ба шахсони тасмимгиранда дар бораи он, ки маблағҳо ва захираҳои озуқаворӣ дар ҳолатҳои фавкулодда чӣ гуна бояд тақсим карда шаванд, маълумот фароҳам меорад.

Дар ҳоле, ки чорабинии қаблӣ додаҳои умумӣ ва минтақавиро фароҳам овард, назарсанҷӣ дар доираи ГМҲ-и нав 6900 хонавода аз 65 ноҳияро дар бар гирифт. Таҳлили додаҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳо бо ҳамдастии СҒХ-и миллӣ ва байналмилалӣ ва низоми СММ анҷом дода шуд. Ошкор карда шуд, ки ноҳияҳое, ки қаблан аз лиҳози озуқаворӣ эмин арзёбӣ мешуданд, камбудиҳои ҷиддӣ доранд.

Натиҷаҳои ГМҲ ба Ҳукумат, низоми СММ ва дигар шарикон имконият медиҳад, ки дар робита ба анҷом додани фаъолиятҳо дар бахши амнияти озуқаворӣ ноҳияҳои осебпазиртаринро тахти ҳадаф қарор диҳанд ва талошҳои худро беҳтар ҳамоҳанг созанд. Он ҳар ду сол гузаронида шуда, натиҷаҳои назарсанҷӣ дар Атласи осебпазирии Тоҷикистон мавҷуд мебошанд. Ин платформаи мутақобилан фаъол буда, дастраси омма мебошад ва он манбае ба шумор меравад, ки барои харитасозӣ ва фаҳмидани фарқиятҳо ва осебпазириҳо мусоидат мекунад.

«Ман тоҷири хурд ҳастам, ҳар ончӣ ман ба даст меорам барои харидани хӯрокӣ барои оилаам харҷ мешавад. Иштироки ман дар ҷамъоварии додаҳо муҳим аст; ҳамчун иштироккунандаи ин чорабинӣ ман метавонам дар талошҳо ҷиҳати беҳтар кардани зиндагии ҳар як шахс дар ҷомеаи худ саҳм гузорам».

**Баҳринисо, сарвари оила аз шаҳри Бохтари Вилояти Хатлон.**





© Manuchehr Ruziev, UNICEF Tajikistan

## НАТИҶАИ НИҲОИИ 5

### ШОМИЛСОЗӢ ВА ТАВОНМАНДСОЗИИ ГУРӮҲҲОИ ОСЕБПАЗИР

*Занон, ҷавонон, кӯдакон, одамони маъюб ва дигар гурӯҳҳои осебпазир аз ҳама гуна зӯровариҳо ва табъизу фарқгузориҳо ҳифз гардида, фикру ақидаҳои онҳо ба инобат гирифта шуда, ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ҷомеа мавриди эҳтиром қарор мегиранд.*

**Буҷети банақшагирифташуда**

**$3,234,515**

**Буҷети таъминшуда**

**$2,396,227**

Табъизи гендерӣ ва маҳрумсозӣ дар сатҳҳои гуногун вуҷуд дорад ва нақшҳои анъанавии гендерӣ ҳанӯз ҳам густурда боқӣ мемонанд. Хотима додан ба зӯроварӣ нисба ба занон ва духтарон тағйироти дигаргунсозандаро талаб мекунад, то ки меъёрҳои зараровари иҷтимоӣ аз байн бурда шаванд. Низоми СММ маъракаи ташвиқотро идома дод ва барои тағйирот дар қонунгузорӣ ва сиёсати соҳавӣ ҷиҳати пешбарӣ, тақвият ва мониторинги баробарии гендерӣ ва табъиз накардан, аз ҷумла тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани зӯроварии гендерӣ ва оилавӣ машваратҳои сиёсӣ ва кумаки техникӣ пешниҳод намуд.

Зиёда аз 2100 шахси мансабдори сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ донишҳои худро оид ба стандартҳои байналмилалӣ беҳтар намуда, маҳоратҳои худро вобаста ба бознигарӣ ва тақвият додани қонунгузорӣ, чораҳои сиёсат ва барномаҳо мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон такмил намуданд. Қабули қонун “**Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз**” дастоварди муҳим ба шумор меравад. Он чорчӯберо барои риояи ҳуқуқҳои ҳамаи одамон ҳамроҳ бо чораҳо оид ба ҷуброн намудани зарар ва консепсияи нав, ба монанди табъизи ҳам бевосита ва ҳам бавосита, озори ҷинсӣ, ҷудосозии маҷбурӣ ва муҳофизат аз ҷабру ситам муайян ва рамзгузорӣ мекунад. Шарикӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидаткунандаи тағйирот ба шумор меравад. Зиёда аз 123 созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ аз имконияти кор дар шабака, тақвияти дониш ва маҳоратҳо ва созмон додани платформа барои табодули дониш ва ташаббусҳои эътилофӣ баҳраманд шуданд. Низоми СММ барои тақвияти иқтидорҳои асосӣ ҷиҳати таҳия ва татбиқи барномаҳо, гузаронидани мониторинг ва гузориш додан дар бораи пешрафт ва истифодаи додаву далелҳо ҷиҳати пуштибонӣ аз ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазир: занҳо ва духтароне, ки дар камбизоатӣ ба сар мебаранд, шахсони дорои маъюбият, шахсони дорои ВНМО ва шахсони бешаҳрвандӣ ба таври назаррас сармоягузорӣ кард.

Диққати махсус ба тақвият додани шабакаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо зӯроварии гендерӣ ва хонаводагӣ сару кор доранд ва ба беҳтар кардани дастрасӣ ба маълумот ва хизматрасониҳои ҷинсӣ ва репродуктивӣ равона карда шуд. Механизмоҳои нав инҳоро дар бар мегиранд:

- *Гурӯҳи референтии ҷомеаи шаҳрвандии иборат аз 10 созмон ҷиҳати пешгомӣ кардан дар ҳимояи умумӣ ва чораҳои сиёсат; гурӯҳ бо дастгирии Ташаббуси “Нури рӯшноӣ-и муштараки Иттиҳоди Аврупо-СММ ҳамоиш карданд;*
- *Мактаб барои фаъолони гендерӣ ҷиҳати ҳимояи чораҳои сиёсат ва барномаҳо барои баробарии гендерӣ ва барои иқтидорҳои татбиқ ва мониторинги қавитари Ҳукумат.*
- *Таҳқиқот оид ба фаҳмидани дониш ва муносибатҳои кунунии ҷомеа роҷеъ ба зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон*[1]
- *Маркази дониши https://ogoplatforma.tj дастрасии оммаро ба манбаъҳо ва маълумот дар бораи таҳаввулоти навтарин, ки ба баробарии гендерӣ ва зӯроварии гендерӣ дахл дорад, фароҳам меорад..*
- *Платформаи миллӣ: ‘Ҳаёт бе зӯроварӣ’ https://ogoplatforma.tj ки 48 созмонро ҷиҳати дастгирии тағйироти рафторӣ ва амалисозии ташаббусҳои дигаргунсоз ба ҳам меорад.*

## Пешрафт ба самти натиҷаи ниҳоӣа:

- Қабули қонун “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз”.
- Тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятӣ ҷиҳати шадид намудани ҷазо дар доираи парвандаҳои вобаста ба озори кӯдакон, аз ҷумла зӯроварии ҷинсӣ нисбат ба кӯдакон.
- Стратегия ва нақшаи чорабиниҳо оид ба танзими масъалаҳои гендерӣ барои давраи то соли 2030, ки ҷалби бештари занонро ба мансабҳои роҳбарикунанда дар муассисаҳои давлатӣ талаб мекунад.
- Стратегияи иртиботии миллӣ “Оила макони меҳрубонист”
- Барномаи давлатии ҳамаҷониба барои давраи то соли 2030 оид ба тарбияи кадрҳои касбии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.
- Тартиботи нави стандарти коргузорӣ барои милитсия, ҳадамоти тандурустӣ ва равоншиносӣ ҷиҳати вокуниш нишон додан ба мавридҳои зӯроварӣ, ки эҳтиёҷоти ҷабрдидагонро дар madди аввал мегузорад.
- Ба Нақшаҳои рушди ноҳияҳо ворид намудани чорабиниҳои мушаххас, қобили андозагирӣ ва бо хароҷоти муайяншуда, ки масъалаи зӯровариро пайгирӣ мекунанд ва бо нишондиҳандаҳо ва ҳадафҳои ҲРУ5 пайвастагӣ доранд.
- Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии тақвиятшуда бояд гузоришҳои мустақили мониторингиро барои пешниҳод ба Кумитаи барҳам додани табъиз нисбат ба занон (CEDAW).омода созанд



© Manuchehr Ruziev, UNICEF Tajikistan

[1] Аз чор се ҳиссаи ҷавобдиҳандагон бо ин розӣ ҳастанд, ки зӯроварӣ нисбат ба занон Мушкилиҳои ҷиддӣ ба шумор меравад



## Мушкилиҳо

- Тағйироти иҷтимоӣ ва рафторӣ печида аст ва ба вақт эҳтиёҷ дорад; тағйир бо далели мавҷуд набудани шарикони Ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳама минтақаҳои кишвар ва мӯҳлатҳои кӯтоҳ ҷиҳати амалӣ кардани ташаббусҳои аз ҷониби ташаббуси “Нури рӯшноӣ” маблағгузоришаванда маҳдуд буд.
- Норасоии кадрҳо ва зуд-зуд иваз шудани кормандони Ҳукумат дар минтақаҳои дурдаст, ки ба таври нокофӣ хизматрасонӣ карда мешаванд, маҳдудияти асосӣ ба шумор мерафт.
- Мавҷуд набудани омори боэътимод ва тақсимшуда ҳамвора садди роҳи таҳия ва амалисозии барнома мешуд; додаҳои баландсифати тақсимшуда бо диққати асосӣ ба камбуди асосии додаҳои ба ҲРУ вобаста ва гурӯҳҳои осебпазир барои пайгирӣ кардани шомилсозии онҳо ва баҳрабардории онҳо аз хизматрасонӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ муҳим ба шумор меравад.

**ҲИКОЯИ МУВАФФАҚИЯТ, НАТИҶАИ НИҲОИИ 5**

**Хотима додан ба зӯроварӣ ва умедбахшӣ**

Занону духтарон дар Тоҷикистон ба якчанд хатар рубарӯ ҳастанд: издивоҷи маҷбурӣ, таҳсилоти мактабӣ ва кору шуғли муносиби маҳдуд, дастрасии нобаробар ба замин ва моликият, кори нигоҳубин, ки музди он пардохт карда намешавад ва зӯроварӣ. Баъзе ё ҳамаи ин хатарҳо осебпазириҳои дилхарош ба миён меоранд. Рамзия Назарова маҳз ба чунин ҳолат рубарӯ шуд. Ӯ дар синну соли ҷавонӣ ва бе доштани таҳсилот ё маҳоратҳои касбӣ издивоҷ карда, аз озору зӯроварӣ аз ҷониби шавҳар ва хушдоманаш азият кашидааст. Дар пайи таваллуди фарзанди дуюм, ки дорои маъюбият буд, ӯ ва кӯдаконашро дар кӯча партофтанд. Пас аз он дубора издивоҷ кард ва фарзанди сеюмро ба дунё овард ва зӯроварӣ низ идома дошт. Як садами аҷиб боиси ҷароҳати вазнини пушти сари ӯ шуд. Баъд аз он, ки Рамзия Назарова маъюб шуд, ояндаи ӯ ва фарзандонаш тираву тор шуд.

Рамзия Назарова ба Заршедабону – созмони ғайриҳукуматие (СҒҲ), ки кумаки ройгони ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ пешниҳод мекард, муроҷиат кард. Ӯ барои ба даст овардани муроқибатҳои иловагии махсус, аз ҷумла машварат ва физиотерапия ба дигар СҒҲ-ҳо бозравонӣ карда шуд. Ин СҒҲ-ҳо, аз ҷумла Афиф – СҒҲ-и ҳамоҳангсоз ва фароҳамкунандаи омӯзишҳо аз маблағгузорӣ ва дастгирии Ташаббуси “Нури рӯшноӣ” – ташаббуси ҷаҳонии муштараки ИА-СММ ҷиҳати барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон баҳраманд шуданд.

Ташаббуси “Нури рӯшноӣ”, ки ҳамчун як барномаи муштарак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва низоми СММ амалӣ карда шуд, сифати хизматрасониҳои асосӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ, кумаки ҳуқуқӣ, дастрасӣ ба политсия ва марказҳои бухрониро, ки СҒҲ-ҳо ба гурӯҳҳои осебпазири занон ва духтарон пешниҳод мекарданд, беҳтар кард. Инчунин СҒҲ-ҳо дар ҳуҷҷатгузории худ роҷеъ ба ҳолатҳои зӯроварӣ, дастгирии ҷабрдидагон, ҷиҳати хабар додан ба мақомот ва тақвият бахшидани идоракунии ҳолатҳо ва тафтишот нисбат ба онҳо, ёрӣ мерасонанд.

Ҳоло Рамзия Назарова мунтазам ба физиотерапия меравад, мустақилона қадам мезанад ва аз тариқи сомонаи дастгирӣ барои нигоҳубини фарзандони худ кумак дарёфт мекунад. Имрӯзҳо шумораи ҳарчӣ бештари занон ва духтарон дар Тоҷикистон, бахусус онҳое, ки маъюбанд ба созмонҳои ҷамъиятии муроқибат ва нигоҳубин, ки манфиатҳои онҳоро дар мадди аввал мегузоранд, дастрасӣ доранд.



© Aziz Nurullaev, UNICEF Tajikistan

“Ташаббуси “**Нури рӯшноӣ**” тавассути кумак расонидан ба ман дар барқароршавӣ ва баланд бардоштани сатҳи боварӣ ба худ зиндагии маро тағйир дод! Ман мехоҳам кор кунам ва соҳибкор шавам. Бо вуҷуди таҳсил надоштанам, ман ба ҳама кор қодирам. Зиндагӣ ба ман чизҳои зиёдеро ёд дод“ – гуфт

**Рамзия Назарова**

[1] Прогресс на основе данных по услугам



© Nasrullo Ramazonov, WFP Tajikistan

# НАТИҶАИ НИҲОИИ 6

## МУҚОВИМАТ ВА УСТУВОРИИ МУҲИТИ ЗИСТ

*Мардуми Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ ва техногенӣ бештар тобоварӣ ва устувории муҳити зист ҳастанд ва аз сиёсати такмилгардида ва чорчӯбаҳои амалиётӣ барои ҳифзи муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиӣ манфиат мебаранд*



**Буҷети банақшагирифташуда**

**$3,234,515**

**Буҷети таъминшуда**

**$2,396,227**

Рушди устувори иқтисодӣ ва тандурустиву солимии аҳолӣ таҳти хатари таназзули об, ҳаво, ҷангалзор ва заминҳои кишоварзӣ ва талафоти босуръати гуногунии биологӣ қарор доранд. Тоҷикистон дар баробари офатҳои табиӣ осебпазир аст; инизор меравад, ки тағйироти иқлим боиси афзоиши ҳаҷм ва такроршавии хатарҳои марбут ба иқлим, ба монанди селу обхезӣ ва хушксолӣ мегардад. Ин ба маҳсулнокии кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ таҳдид карда, тобовариро барҳам мезанад. Талаботи рақобатомез ба об, замин ва истеҳсоли барқи обӣ манбаъи доимии танишҳои фаромарзӣ ва муноқишаҳои эҳтимолӣ дар водии Фарғона ба шумор меравад.

Идоракунии устувори захираҳои об аз чораҳои сиёсат ва тағйирот дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва рушди иқтидорҳои вобаста ба мутобиқшавӣ ва коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим, истифодаи самараноки захираҳои экосистема, бахусус об вобаста аст. Коҳиши самараноки хатари офатҳои табиӣ ва сатҳи баланди омодагии ҷомеа барои вокуниш ба офатҳо ва ҳолатҳои фавқулодда бениҳоят муҳим мебошад.

Соли 2022 низоми СММ дар ҳамкорӣ механизм ва форумҳоеро барои таҳия ва татбиқи самарабахши чораҳои сиёсат, ки ба ҳамкории мутақобилаи байни соҳаҳои муҳити зист, энергетика, кишоварзӣ ва воситаҳои зиндагӣ, бахусус барои аҳолии деҳот ва гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шудаанд, пешниҳод намуд. Соли 2022 зиёда аз 7000 нафар, ки 40 фоизи онҳоро занҳо ташкил медоданд, дар чорабиниҳо оид ба тақвият бахшидан ба идоракунии захираҳои табиӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ҳифзи гуногунии биологӣ ва гузариш ба энергетикаи сабз иштирок карданд.

Зарфиятҳои Ҳукумати кишвар дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ дар робита ба идоракунии хавфҳое, ки бо яканд хатар алоқаманданд, тақвият дода шуданд. Бо дастгирии СММ Ҳукумати кишвар Конфронси дуюми сатҳи баланд оид ба об ва рушди устуворро гузаронид ва диққати бештарро ба муҳофизати пиряххо ҷалб намуд. Инчунин Ҳукумат барои иштирок дар Конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 26 & 27) бо мавқеъҳои сиёсӣ ва гузаронидани гуфтушунидҳо барои ноил шудан ба бетарафии карбонӣ дастгирӣ ёфт.

### Пешрафт ба самти натиҷаи ниҳоӣ

Барои таҳкими идоракунии захираҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим Ҳукумат қонун ва чаҳорчӯбаҳои нави сиёсатро қабул кард, масалан:

**1.** Идоракунии захираҳои табиӣ (ИЗТ) - 1 (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи захираҳои генетикӣ", таҳти № 1865);

**2.** Маводҳои химиявӣ: 3 (Қарори Ҳукумат таҳти № 557 дар бораи маҳдуд ва тасдиқ намудани квотаҳо барои содироти маводҳои вайронкунан-

**3.** Қарори Ҳукумат таҳти № 314 дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба фаъолиятҳои вобаста ба харид, фурӯш, истифода, корбурд ва нобудсозии МВО ва маҳсулотҳое, ки дар таркибашон МВО доранд;

**4.** Стандарти давлатӣ (№ 1116–2021) дар бораи тамғазании гидрофлоракарбон (HFC), маҳсулоти газҳои фторӣ ва таҷҳизоти дарбаргирандаи газҳои фторӣ бо эҳтимолияти сатҳи баланди гармшавии глобалӣ, ки аз ҷониби Агентии давлатии Тоҷикстандарт тасдиқ карда шудааст;

**5.** Маводи химиявӣ: 1 (Тағйироту иловаҳои Кигалии тасвибшудаи Протоколи Монреал таҳти № 654).

58 идораи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ арзиши нуҳ нақшаи чорабиниҳои соҳавии миллиро ҳисобу китоб карда, онҳоро бо Барномаи Сендай ва Стратегияи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва арзёбии хатари офатҳои табиӣ ва нақшаи амал ҷиҳати паст кардани хавфи офатҳои табиӣ мутобиқ карданд[1].

Барои коҳиш додани сатҳи ифлосшавии Ҳавзаи Сирдарё, беҳтар кардани идоракунии об ва пешгирӣ кардани ифлосшавии тасодуфии об вокунишҳои сатҳи сиёсат ва барнома муайян карда шуданд.

Барномаи муштараки СММ дар ВМКБ иштироки зиёда аз 10000 нафар, аз ҷумла кӯдакон ва ҷавононро дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати муҳокима кардани масъалаҳои тағйирёбии иқлим, коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ ва омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда дар бар гирифт.

Аҳолии Вилояти Суғд ва Водии Фарғона аз имконияти пайдо кардани роҳҳои маҳаллии ҳалли масъалаҳо, ки ба паст кардани хавфҳои вобаста ба иқлим ва офатҳои табиӣ нигаронида шудаанд, истифода бурданд; чораҳои вобаста ба иштирок ва ба вуҷуд овардани эътимод ва боварӣ дар пуштибонӣ аз муколамаи минтақавии байни Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ёрӣ расониданд.

### Низоми СММ инчунин вокуниши зуди башардӯстона нишон дод:

Моҳи сентябр дар пайи задухӯрдҳои байнисарҳадии миёни Қирғизистону Тоҷикистон ба 5000 нафар, аз ҷумла 3254 кӯдак ёрии башардӯстонаи нақтӯбахш расонида шуд

Оилаҳои гурезаи афғон дар ноҳияҳои *Ваҳдат* ва *Ғафуров* дастгирии фаврии башардӯстона, аз ҷумла хӯрок, сарпаноҳ ва мавод барои фасли зимистон, дарёфт карданд.

Марказҳои ҷойгиркунии гурезагон ва муассисаҳои таълимӣ дар нуқтаҳои муҳими марз бо Афғонистон баркарор карда шуданд.



© Shodibek Sharipov, FAO Tajikistan

[1] Барномаи Сендай оид ба коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ (2015-2030с.) ва Стратегияи миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030.

## Мушкилиҳо

- Дар минтақаҳои даргирӣ Ҳукумат дастрасии низоми СММ ба пешниҳод намудани ёрии фаврии башардӯстонаро суст ё маҳдуд кард.
- Сиёсати Ҳукумат нисбат ба гурезагони афғон норавшан аст ва пойбандӣ ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба гурезаҳо номуносиб аст.
- Ҳамоҳангсозӣ дар байни вазоратҳо ба монеаҳо дучор мешавад ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ садди роҳи татбиқи босуръати Стратегияи миллии паст кардани хавфи офатҳои табиӣ мешаванд.
- Дар Осиёи Марказӣ дар робита ба масъалаҳои фаромарзӣ, бахусус идоракунии об, ҳамкории маҳдуди байниҳукуматӣ вуҷуд дорад.

**ҲИКОЯИ МУВАФФАҚИЯТ, НАТИҶАИ НИҲОИИ 6**

**Мактабҳои тобовар – кӯдакони тобовар**

Барои беш аз се миллион кӯдак дар Тоҷикистон офатҳои табиӣ таҳдиди ҳамешагӣ ба шумор мераванд: тарма, заминҷунбӣ, обхезӣ ва ярч ба ҳуқуқҳои асосии онҳо таҳдид мекунад ва онҳоро аз ноил шудан ба потенсиали пурраи худ бозмедорад.

Аскарова Нукра 14 сола аст ва дар деҳаи Шул зиндагӣ мекунад. Ӯ дар синфи 8-и мактаби №2 таҳсил мекунад. Мактаб дорои як бинои кӯҳна буда, дар ноҳияи Рашт – ноҳияе, ки ба офатҳои табиӣ хеле осебпазир мебошад, воқеъ аст. Нукра роҳбари дастаи рафъи оқибатҳои офатҳои табиии мактаб мебошад. Ӯ ба ҳамтоёни худ дар бораи коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ, омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва кумаки аввалия омӯзиш мегузаронад. Ӯ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар ҷомеаи худ мусоидат мекунад.

Ин дастаҳо корӣ ҷузъи асосии талоши ЮНИСЕФ ва Ҷамъияти ҳилоли аҳмар ҷиҳати паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва беҳтар кардани бехатарии мактабҳо дар 12 мактаби воқеъ дар минтақаҳои хатарноки ВМКБ ва минтақаи Рашт ба шумор мераванд. Барнома аз ҷониби Агентии ҳамкориҳои байналмилалии ИМА (USAID) маблағгузорӣ шуда, дар он аз рӯйкарде кор гирифта мешавад, ки кӯдакон дар меҳвари он қарор доранд ва он аз ҷониби кӯдакон роҳбарӣ карда мешавад.

[1] Манбаъ: ЮНИСЕФ https://www.unicef.org/eca/stories/every-child-resilient-community

Он ҳамчун намуна барои коҳиш додани таъсири манфии офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим ба кӯдакон ва доштани мактабҳои амн ва тобовар хизмат мерасонад. Низоми СММ бо Ҳукумат дар робита бо тавсеа додани лоиҳа ба дигар минтақаҳои хатарнок ва таъмини иштироки кӯдакон ва ҷавонон дар чорабиниҳои вобаста ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим ҳамкорӣ карда истодааст.



© UNICEF/Tajikistan/2022/M.Nazarova

«Ман аз он, ки узви дастаи рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дар мактаб ҳастам, ифтихор мекунам, чунки ман ба ҳамсинфон, оила ва ҷомеаи худ ёрӣ расонида истодаам, то ки онҳо ба офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим тобовар шаванд»

**Нукра**



# ШАРИКИҲО ВА МАБЛАҒГУЗОРӢ БАРОИ БАРНОМАИ СОЛИ 2030



Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии низоми СММ дар робита ба тавсеа ва тақвият додани шарикӣ, аз ҷумла шарикиҳои ҷануб-ҷануб ва беҳтар кардан инфрасохтори институтсионалӣ ҷиҳати маблағгузорӣ кардани ҳадафҳои СМР ва ҲРУ ба пешрафти назаррас ноил гашт.

© Didor Sadulloev, UN Tajikistan

## Шарикиҳо

### Шарикиҳои нав ва навоварона:

- Соли 2022 Тоҷикистон **Конфронси сатҳи баланд оид ба обро дар шаҳри Душанбе** ташкил ва баргузор кард. Дар доираи конфронс даъват ба амал оварда шуд, ки дастрасӣ ба оби ошомидании бехатар ва арзон таъмин карда шавад ва нақши муҳими об дар ҳифзи воситаҳои зидагӣ ва муҳити зист эътироф карда шавад.
- Шарикии стратегӣ бо **Иттиҳодияи Аврупо** ҷиҳати дастгирӣ намудани **ислоҳоти ҷорӣ ва рақамисозии низоми сабти санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ**; ин барои одамон, бахусус гурӯҳҳои осебпазир дарвозаест, ки ба воситаи он онҳо ба хадамоти аз ҷониби давлат пешниҳодшавандаи соҳаҳои тардурустӣ ва таҳсилот дастрасӣ пайдо мекунанд.
- Форумҳои сармоягузории ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дар вилоятҳои Суғд, ВМКБ ва Хатлон, ки боиси ба имзо расидани 90 созишномаи тиҷоратӣ [1] дар байни соҳибкорони Россия, Қазоқистон, Белорусия, Ӯзбекистон, Хитой, Туркия ва Арабистони Саудӣ гашт.[2] Ин чорабиниҳо ҷиҳати ташаккул додани занҷираҳои рақобатпазири истеҳсоливу фурӯшӣ ва бозорҳои содирот барои маҳсулотҳои дорои арзиши иловагӣ, ба монанди равғани растанӣ, хушкмева ва мағзу донагиҳо, сабзавот ва меваҳои тару тоза ва асал кумак карда, ба кори муносиб мусоидат намуд ва сатҳи зиндагии занон ва гурӯҳҳои осебпазирро боло бурд.[3]

Дар соҳаи **тандурустӣ**, низоми СММ:

- Барои паҳн кардани изҳороти муштарак дар бораи маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва тақвият додани ёрии аввалияи тиббӣ, шарикони байналмилалӣ ва миллиро, ки дар соҳаи тандурустӣ фаъолият мекунанд, ба ҳам овард

[1] 60 созишнома ҳангоми форуми соли 2022 дар Вилояти Суғд ва 30 созишнома ҳангоми чорабинии Помиринвест, манбаъ: Азия Плюс.
[2] https://bit.ly/3Cz1ZEN
[3] https://www.undp.org/tajikistan/stories/hope-in-rural-tajikistan

- Ворид намудани молу маҳсулоти марбут ба банақшагирии оиларо барои баррасӣ аз ҷониби Хазинаи ҷаҳонии маблағгузорӣ барои занон, кӯдакон ва наврасон бомуваффақият тарафдорӣ кард
- Ба шарикии нав байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти ҳифзи сарҳад ҷиҳати тақвият бахшидан ба вокуниш ба ҳолатҳои тиббӣ ва карантини санитарӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ мусоидат намуд.
- **Дар соҳаи маориф низоми СММ Ҳукумат**, донорҳои дуҷониба ва муассисаҳои молиявии байналмилалиро барои муаррифӣ намудани моделҳои навоварона ва омехта ҷиҳати маблағгузории низоми маориф бо ҳам овард. Ин 88,6 млн. доллари амрикоиро дар бар гирифт, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти афзалиятдори соҳаи маориф ва беҳтар намудани натиҷаҳои омӯзиш барои тамоми кӯдакон равона карда шуд.
- Дар робита ба **амнияти озуқаворӣ** ва ғизо, қонуни нав дар бораи тақвияти маҳсулоти хӯрокворӣ қобилияти низоми СММ-ро дар ҷамъ овардани Ҳукумат ва бахши тиҷорат (масалан, моликони корхонаҳои истеҳсоли орд ва намак аз бахши хусусӣ) ва шарикони байналмилӣ ҷиҳати андешидани чораҳо дар чорчӯби “шарикӣ бар асоси арзиши муштарак” ба намоиш гузошт. Мубодила бо кишвари Ӯзбекистон барои табодули сабақҳо ва амалкардҳои беҳтарин дар бахши тақвияти маҳсулоти хӯрокворӣ, ки бахши хусусӣ онро пеш мебарад, имконият фароҳам овард
- Барои вокуниш нишон додан ба **зӯроварии гендерӣ дар ҳолатҳои фавқулодда**, СММ дар таъсис додани гурӯҳи кории байнисоҳавӣ, ки аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва Кумитаи кор бо занон ва оила муштарак роҳбарӣ карда мешавад, кумак расонид; гурӯҳ талошҳоро ҷиҳати ворид намудани масъалаҳои баробарии гендерӣ ба чораҳо оид ба таъмини омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва вокуниш ба онҳо роҳбарӣ хоҳад кард.

## Маблағгузорӣ барои барномаи соли 2030

Тахмин карда мешавад, ки то соли 2030, расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори Стратегияи миллии рушд (СМР 2030) сармоягузории **92,5 млрд. Доллари амрикоиро**[4] талаб менамояд. Тибқи ҳисобҳои тахминии СМР интизор меравад, ки буҷети давлатӣ ва шарикони рушд 54 фоизи ё 49,7 млрд. доллари амрикоиро фаро мегиранд. СМР *пешбинӣ мекунад*, ки бахши хусусӣ қисми боқимондаи талаботи молиявиро фаро хоҳад гирифт.

Соли 2022 Тоҷикистон дар роҳандозӣ кардани Чорчӯби ҳамгироишудаи миллии маблағгузорӣ (ЧҲММ) пешрафт кард. Дар назди Шӯрои миллии рушди (ШМР) и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳи кории сатҳи баланд оид ба маблағгузорӣ таъсис дода шуд. ШМР платформаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба муколама, ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқати сиёсат ба шумор меравад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои СМР ва ҲРУ **чараёни маблағгузорӣ ба рушдро суръат мебахшад**. Бо дастгирии СММ пешнависи харитаҳои роҳ оид ба маблағгузории ҲРУ омода карда шуд.



Ба хотири раҳо кардани захираҳои бахши хусусӣ барои расидан ба ҲРУ, низоми СММ бо Шӯрои машваратӣ оид ба дастгирии сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷонибҳои манфиатдори бахши хусусӣ ҷиҳати гузаронидани таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқии вобаста ба сармоягузориҳои венчурӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ роҷеъ ба амалкардҳои беҳтарини байналмилалӣ барои ҷалби маблағгузориҳои сабз зич ҳамкорӣ намуд.

Ҳамкории мутақобил бо Хазинаи иқлими сабз (ХИС) тезонида шуд ва низоми СММ дар таҳия намудани Барномаи кории ХИС дар кишвар[5] барои солҳои 2022-2027 ҷиҳати ҷалби маблағ ёрӣ расонид. Бо роҳнамоии низоми СММ шаш лоиҳаи афзалиятдор бо арзиши аз 11 то 87 млн. доллари амрикоӣ барои баррасии Котиботи ХИС пешниҳод карда шуд.

Ба хотири ҳалли Мушкилиҳои мураккаб ва бо ҳамдигар алоқаманди норасоии об, тағйирёбии иқлим ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, низоми СММ маблағгузориро барои идоракунии об ва идоракунии хавфҳое, ки бо якчанд хатар алоқамананданд, аз Иттиҳодияи Аврупо сафарбар намуда, барои идоракунии захираҳои об дар Вилояти Хатлон аз Бонки исломии рушд маблағ ҷалб намуд.

Бо нигоҳ ба оянда, Дастаи кормандони СММ дар кишвар Стратегияи шарикӣ ва сафарбарсозии захираҳоро барои роҳнамоӣ кардани талошҳои вобаста ба сафарбарсозии муштараки захираҳо барои барномаи минбаъдаи ҳамкорӣ таҳия намуд. Дастаи кормандони СММ дар кишвар кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки ҳамкориҳои стратегӣ ва шабакаи донорҳоро тавсеа бахшад.

Ба ғайр аз дастгирии Иттиҳодияи Аврупо ва донорҳои дуҷониба, он таҳқиқи вариантҳои нав ва навоваронаи маблағгузорӣ, аз ҷумла, саҳми ҳукумат дар хароҷотҳо, маблағгузорӣ аз ҳисоби ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ (НБМ) ва ҳамкорӣ бо бахши хусусиро идома медиҳад. Ҳамчун як ҷузъи стратегия, Дастаи кормандони СММ дар кишвар имконияти таъсис додани **фонди ягона дар кишварро**.[6] баррасӣ карда истодааст.

[4] ЭКОРИС, Харитаи роҳ барои маблағгузории СРУ дар Тоҷикистон, Гузориши ниҳоӣ 2021с. Таҳқиқот дар доираи барномаи муштараки СММ анҷод дода шуд: Маблағгузории Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар Тоҷикистон.

[5] Барномаҳои кишварии Хазинаи иқлими сабз (ХИС) хати асосии маблағгузории байналмилалӣ ба масъалаи иқлим дар ҳар кишвар ба шумор меравад.

[5] Интизор меравад, ки дар доираи раванди давомдори ислоҳоти СММ, низоми СММ ва кишварҳои узв барои сафарбар намудани манбаъҳо ҷиҳати амалисозии Барномаи ҳамкорӣ (БҲ) дар асоси мувофиқат ва ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи давлатӣ фондҳои ягона таъсис медиҳанд. Ҳадафҳои рушди устувори СММ, маблағгузории ҲРУ ва Барномаи ҳамкорӣ, мақолаи ҳамроҳи БҲ, июли 2020с., 16.



# НИЗОМИ СММ БО ҲАМ ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАД

Низоми СММ фаъолият мекунад барои гузоштани саҳми стратегӣ ва арзишманд дар расидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд ва ҲРУ бо ҳам кор мекунад. Соли 2022 низоми СММ роҳҳои боз ҳам ҳамгироишуда ва тағйирпазири барномарезии муштаракро бо мақсадҳои зайл ҷустуҷӯ кард:

- Муайян ва сафарбар кардани технологияҳои рақамӣ барои афзоиш додани дастрасӣ, беҳтар кардани сифат ва фарогирии хизматрасониҳои асосӣ;
- Иваз кардани рафторҳо барои ислоҳи меъёрҳо ва рафторҳои манфии иҷтимоӣ, бахусус меъёрҳои гендерӣ ва меъёрҳое, ки ба гурӯҳҳои осебпазир таъсир мерасонанд;
- Ба кор бурдани стратегияҳо ва рӯйкардҳои навоварона ба хотири фарогирии ҷавонон ва таъмини иштироки онҳо дар ташаббусҳои вобаста ба ҲРУ
- Ба таври самарабахш ҳамкорӣ кардан бо муассисаҳои байналмилалии молиявӣ ва бахши хусусӣ

**Мисолҳо аз ҳамин гузориш инҳоро дар бар мегиранд:**

### Идоракунӣ ва ҳуқуқи инсон:

- Ҳимояи муштарак ва тавсияҳо оид ба чораҳои сиёсат ҷиҳати таъмини қабули қонуни нав дар бораи баробарӣ ва пешгирии табъиз
- Даъват намудани созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ) ва додани имконият ба онҳо барои саҳм гузоштан дар Нақшаи миллии амал (НМА) ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳои Шарҳи умумии давравӣ

### Иқтисод

- Тавсияҳои муштараки сиёсӣ ба Стратегияи миллии иқтисоди сабз ва Барномаи миллӣ барои ба кор таъмин кардани ҷавонон, занон ва шахсони дорои маъюбият




© Nozim Kalandarov, UN Tajikistan




© Nozim Kalandarov, UN Tajikistan

## Рушди иҷтимоӣ

- Ҳимояи муштарак барои таъмини афзоиши маблағгузории ваксинаҳо аз ҷониби Ҳукумат

- Дар доираи Саммити умумиҷаҳонии табдилдиҳии таҳсилот, ба хотири ноил шудан ба мактабҳои фарогиранда ва солим, таълим ва омӯзиши рақамӣ ва маблағгузории устувори низоми маориф, ислоҳоти асосии низоми маорифро дастгирӣ кард

## Амнияти озуқаворӣ

- Барои андозагирӣ кардани таъсири таконҳо ба амнияти озуқаворӣ ва фароҳам овардани маълумоти бехтар ҷиҳати тақсимоти хароҷотҳо ва манбаъҳои таъҷилии хӯрока бо Ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ Гурӯҳбандии марҳилаи ҳамгирошудаи амнияти озуқавориро анҷом дод.

## Шомилсозӣ

- Стратегияи танзими масъалаҳои гендерӣ ва Нақшаи чорабиниҳо то соли 2030, ки афзоиши шумораи занҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва муассисаҳои давлатиро пешбинӣ мекунад.

## Тобоварӣ

- Совместная программа ООН в регионе ГБАО, в рамках которой более 10 тысяч человек, включая детей и молодёжь, приняли участие в общественных мероприятиях по обсуждению вопросов изменения климата, снижения риска стихийных бедствий, готовности к чрезвычайным ситуациям и реагирования на них.

Соли 2022 Ҳукумат ва низоми СММ **Чаҳрчуби** <u>**нави**</u> **ҳамкорӣ оид ба рушди устуворро** барои солҳои 2023-2026 таҳия карданд. Он баёнгари уҳдадории муштарак барои идомаи кор бо ҳамдигар ва бо шарикони кишвар дар самти ноил шудан ба афзалиятҳои Тоҷикистон ва барномаи рушди устувор мебошад. Интизор меравад, ки тағйироти дигаргунсоз, ки аз ҳамкориҳо бармеоянд, ба рушди устувори иқтисодӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории сазовор, муассисаҳои давлатии боз ҳам муассиртар ва ҳисоботдиҳанда ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва ваҳдати қавитари иҷтимоӣ ва тобоварӣ мусоидат мекунад. Диққати асосии натиҷаҳо ва стратегияҳои БҲ ба осебпазирӣ ва фарогирии гурӯҳҳои осебпазир[1]. игаронида шудааст, то ки боварӣ ҳосил шавад, ки касе дар канор намемонад.

Аз ин рӯ, натиҷаҳо дар доираи шарикии густурда бо гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, СҒҲ, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои дифоъ аз ҳуқуқи инсон, доираҳои илмӣ, ВАО, бахши хусусӣ ва шарикони байналмилалӣ ба даст оварда мешаванд. Инчунин барои дастгирии татбиқи БҲ низоми СММ санадҳои зеринро омода кард:

- **Стратегияи шарикӣ ва сафарбарсозии манбаъҳо**
- **Стратегияи муштараки иртиботӣ ва ҳимоятӣинтересов**

---

[1] **Гурӯҳҳои осебпазир:** Баъзе гурӯҳҳои занон*, кӯдакон аз хонаводаҳои дорои даромади кам ва як сарвар (падар ё модар), шахсони дорои маъюбият, аҳолии деҳот, ки дар минтақаҳои маҳруми иқтисодӣ зиндагӣ мекунанд, шахсоне, ки дар маҳаллаҳои алоҳидаи деҳот зиндагӣ мекунанд, коргарони бахши ғайрирасмӣ, муҳоҷирони мавсимӣ ва оилаҳои онҳо, шахсони солхӯрда, гурезаҳо ва паноҳҷӯён ва дигар гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, ки дар хатари канор мондан қарор доранд.. *Дар байни занон: Занҳои солхӯрда, занони деҳот, занон-сарварони хонаводаҳо, занҳои дорои маъюбият, занҳои дар боздоштгоҳҳо қарордошта, занони аз зӯроварии хонаводагӣ ва гендерӣ ҷабрдида, занҳои дорои ВНМО, занҳое, ки шаҳрвандӣ надоранд, занҳои гуреза ва паноҳҷӯ. .

[2] Т. Новович ва дигарон., Гузориши ниҳоии арзёби Барномаи кумак барои рушди СММ барои солҳои 2016-2022 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон.





© Nozim Kalandarov, UN Tajikistan

## САБАҚҲОИ АНДӮХТА

Арзёбӣ ва таҳқиқотҳои муфид аз ҷониби низоми СММ ҳамроҳ бо Ҳукумат ва дигар шарикони рушд гузаронида шуд, аз ҷумла арзёбии ба наздикӣ анҷомшудаи Барномаи кумак барои рушди СММ[2]. Дар чорабиниҳои машваратӣ оид ба омода кардани Чаҳорчуби нави ҳамкории СММ оид ба рушди усутвор (БҲ) барои солҳои 2023-2026 намояндагон аз 30 вазорат ва 53 созмони шарик аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ иштирок карданд.

# СТРАТЕГИЯҲОИ АМАЛИЁТҲОИ ОПЕРАТСИОНӢ

Дар соли 2022, Гурӯҳи кишварии СММ татбиқи “Стратегияҳои амалиётҳои оператсионӣ”-ро барои баланд бардоштани сатҳи самарабахшии амалиётҳои СММ тавассути талошҳои муштарак идома дод.

Сарфи назар аз Мушкилиҳои амалиётӣ, ки дар натиҷаи таъсири вазъияти ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, Гурӯҳи амалиётӣ ва идоракунӣ (ОМТ) хароҷоти воқеиро барои соли 2022 ба маблағи 203 639 доллари ИМА тавассути татбиқи хидматрасониҳои умумӣ дар бахши харид, ТИК, маъмурият, захираҳои инсонӣ, логистика ва воситаҳои молиявӣ коҳиш дод.

Самтҳои асосии кори муштараки Гурӯҳи амалиётӣ ва идоракунӣ мавридҳои зеринро дар бар мегиранд: ташкил намудани хидматрасонии нақлиёти СММ, ташаббус оид ба истифодаи панелҳои офтобӣ дар Намояндагии СММ ва дигар ташаббусҳои сабз.

Дар чорчӯби татбиқи Нақшаи амали Гурӯҳи кишварии СММ барои фарогирии шахсони дорои маъюбият ва эҷоди муҳити мусоид барои ҳама, Гурӯҳи кишварии СММ санҷиши дастрасии биноҳои умумии СММ-ро ташкил намуда, нақшаҳои беҳбудиро омода намуд, ки дар тӯли солҳои 2023-2024 татбиқ карда мешаванд.

Дар соли 2023, СММ хидматрасониҳои умумӣ, инчунин корҳо оид ба сабз кардани кабуд ва фароҳам овардани муҳити дастрас дар биноҳои умумии СММ, ТИК, захираҳои инсонӣ, хариди молҳо ва хидматрасониҳоро барои бештар фарогир будани СММ тақвият хоҳад дод.

**Сарфаи хароҷоти арзёбишуда бар муқобили амалишуда аз рӯи сол**







© Manuchehr Ruziev, UNICEF Tajikistan

Дар чорчӯби татбиқи Нақшаи амали Гурӯҳи кишварии СММ барои фарогирии шахсони дорои маъюбият, СММ ҳамчунин ба коммуникатсия фарогир ва дохил кардани масъалаҳои вобаста ба маъюбият ба стратегия ва нақшаи кории коммуникатсия диққат дода, истифодаи забони имову ишора ва ҳуруфи Брайлро барои таҳияи маводҳои асосӣ ҷорӣ намуд ва ба Луғати СММ бахши алоҳидаеро оид ба фарогирии маъюбият дохил кард. Ин кор дар солҳои 2023-2024 тавассути бештар дастрас кардани вебсайт, ҳуҷҷатҳо, гузоришҳо, нашрияҳо ва видеоҳои Гурӯҳи кишварии СММ идома хоҳад ёфт

# ИРТИБОТИ ЯГОНА

Дар соли 2022, СММ дар Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти иртибот (коммуникатсия) ва ташвиқоту тарғиботи (эдвокасӣ) муштарак тақвият дод. Ҳуҷҷати роҳнамо – Стратегияи муштараки коммуникатсия ва ташвиқоту тарғибот барои Чаҳорчуби ҳамкории СММ оид ба рушди устуворбарои солҳои 2023-2026 аз ҷониби Дафтари ҳамоҳангсози доимии СММ ва Гурӯҳи СММ оид ба масъалаҳои иртибот (UNCG) омода гардид. Стратегия татбиқи Чаҳорчуби ҳамкории СММ оид ба рушди устуворро бо ташаббусҳои ҳамоҳангшуда, пайдарпай ва самарабахш дар бахши иртибот ва ташвиқоту тарғибот дастгирӣ хоҳад кард.

Дар соли 2022, СММ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-солагии ҳамроҳшавии Тоҷикистонро ба СММ таҷлил намуда, дар тӯли чорабиниҳои гуногун шарикии пурсамар ва боэътимодро таъкид намуданд. СММ дар Тоҷикистон чанд маъракаи соҳавӣ оид ба иртиботро баргузор намуда, як қатор масъалаҳои афзалиятдори интихобшударо ҷудо намуд: маъракаи яксола оид ба пешбурди баробарии гендерӣ, амнияти озуқаворӣ, COP27, Рӯзи ҷаҳонии озодии матбуот ва ғайра.

© Parviz Boboev, UN Tajikistan



# ҲАШТ САБАҚИ МУҲИМ ҲАМЧУН АСОС БАРОИ ҲАМКОРИҲОИ ОЯНДА ХИЗМАТ МЕКУНАНД:

**1** **Шарикӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ** Низоми СММ шарикии худро бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ), аз ҷумла, доираҳои илмӣ ва гурӯҳҳои ихтиёрӣ тавсеа хоҳад дод. Онҳо барои тақвият додани иштироки ҷомеа дар таҳия намудани чораҳои сиёсат, расонидани хизматҳо ва ба миён овардани эътимоду боварӣ нисбат ба муассисаҳо ва иттиҳоди ҷомеа заруранд.

**2** **Ҳамкориҳои мутақобил бо бахши хусусӣ** Ҳамкориҳои мутақобил бо бахши хусусӣ ноҳамвор буданд ва имкониятҳои истифоданашуда ҳанӯз вуҷуд доранд. Низоми СММ барои муайян кардани **ҳамкориҳои мутақобили дорои арзиши муштарак** ва пайдо кардани имкониятҳои сармоягузорӣ[1], ки ноил шудан ба СМР ва ҲРУ-ро дастгирӣ мекунанд, бо шеваи ҳамоҳангӣ ва стратегӣ кор мекунад.

**3** **Диққати асосӣ ба ҷавонон** Талошҳои ҳамкорӣ бояд ба додани ҳиссаи бештари иштирок ба ҷавонон (15-30 сола), бахусус занон аз гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шаванд. Барои тақвияти ҳуқуқи инсон ва иштироки шаҳрвандон, ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва беҳтар кардани сифати тандурустии омма ва таҳсилот, ҷавонон ва созмонҳои онҳо метавонанд дурнамо ва идеяҳои тоза пешниҳод намоянд.

**4** **Хизматрасониҳо, иқтисод ва идоракунии рақамӣ** Ноил шудан ба СРМ ва ҲРУ ба сармоягузории Ҳукумат ба инфрасохтори технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) ва маҳоратҳо, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳо барои идоракунии рақамӣ ва иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд, вобаста аст. Барои боварӣ ҳосил кардан ба он, ки гурӯҳҳои осебпазир ба хизматрасониҳо ва платформаҳои рақамӣ дастрасии одилона доранд, саъю кӯшиши махсус бояд ба харҷ дод.

**5** **Ҳамоҳангии чораҳои сиёсат барои иқтисоди устувор ва сабз** Чораҳои сиёсат, ҳавасмандгардонии молиявӣ ва моделҳои нави тиҷорат барои гуногунсозӣ ва рушди иқтисоди сабз бояд рушди иқтисодро аз вайроншавии муҳити зист ҷудо кунанд ва талошҳои кишварро ҷиҳати коҳиш додани партоби гази карбон ва ифлосшавӣ ва афзоиши самаранокии энергетикӣ дастгирӣ намоянд. Ҳангоми ҳамоҳангсозии чораҳои сиёсат диққати асосӣ бояд ба бардоштани ихтилофҳо байни сиёсати иқлиму муҳити зист ва соҳаҳои иқтисод нигаронида шавад.

**6** **Истиқрори сулҳ ва ҳалли муноқишаҳо** Низоми СММ тобовари афзояндаи аҳолиро дар минтақаҳои наздисарҳадӣ бо роҳҳои ҳалли инноватсионӣ ва маҳаллӣ барои ҳалли Мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва низоъ бар сари захираҳо, аз ҷумла, об ва чарогоҳ дастгирӣ хоҳад кард.

**7** **Барномаи маблағгузорӣ** Бо такя ба пуштибонии худ аз Барномаи миллии маблағгузорӣ, низоми СММ муколама ва ҳамоҳангии чораҳои сиёсатро барои **суръат бахшидан ба ҷараёни маблағгузорӣ ба рушд тақвият хоҳад дод**. Дастаи кормандони СММ дар кишвар фонди ягонаи сатҳи кишварро барои Тоҷикистон ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ва афзоиши кӯмаки расмӣ ба рушд, инчунин маблағгузорӣ аз НБМ, бахши хусусӣ ва муассисаҳои молиявии миллӣ баррасӣ хоҳад кард. .

**8** **Барномаи вобаста ба додаҳо** Муваффақият дар расидан ба ҳадафҳои СМР-2030 ва ҲРУ аз додаҳои босифат ва далелҳо вобаста аст. Мавҷуд набудани омори боэътимод ва тақсимшуда ҳанӯз ҳам садди роҳи таҳия ва амалисозии барномаҳо мегардад. Равона кардани диққати асосӣ ба норасоиҳо дар додаҳои марбут ба ҲРУ ва гурӯҳҳои осебпазир барои пайгирӣ кардани шомилсозии онҳо ва истифодаи онҳо аз хадамоти асосии иҷтимоӣ ва барномаҳо оид ба кумаки иқтисодӣ зарур мебошад.



© IOM Tajikistan

[1] ҲРУ СММ, Равиши умумӣ ба тадқиқоти дурнамо ва санҷиши зарурӣ барои шарикии бахши тиҷорат, 2020с, 7. Шарикӣ бар асоси арзишҳои муштарак ҳам барои тиҷорат ва ҳам одамон манфиати дуҷониба фароҳам меорад. Ин барои субъектҳои хоҷагидор роҳест, ки онҳо аз лиҳози иҷтимоӣ худро масъул эҳсос кунанд, ҳамзамон аз афзалиятҳои обрӯмандӣ ва қаноатмандии кормандон баҳраманд шаванд.  Барои СММ, ин метавонад ба ҳалли мустаҳкамтар, устувортар ва миқёспазир барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҲРУ табдил ёбад.

[3] Мувофиқи Қатъномаи Маҷмаъи умумӣ, Фаъолиятҳои роҳбарикунандаи амал барои рушд (QCPR) A/RES/75/233, декабри 2020с, банди 53, 55.



# АРЗЁБИИ БАРНОМАИ ҚОЛАБИИ СММ ДАР ТОҶИКИСТОН(БҚР СММ) БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2022

Арзёбии БКР СММ барои солҳои 2016-2022, ки соли 2021 гузаронида шуд, ошкор сохт, ки БКР СММ-и Тоҷикистон аз замони таҳия ва дар тӯли тамоми давраи татбиқаш муносиб буда, он афзалиятҳои рушд ва эҳтиёҷоти кишвар ва шаҳрвандони онро қаноатманд мекард. Дафтарҳои намояндагии Созмони Милали Муттаҳид мандатҳо, меъёрҳои байналмилалӣ ва стандартҳои худро ба таври самарабахш риоя мекарданд ва дар зимни он ҳамчун шарикони тағйирпазиру боэътимод ва барои пешрафт дар доираи натиҷаҳои ниҳоии БКР СММ масъул боқӣ мемонданд.

Дар давраи пандемияи КОВИД-19 Дастаи кормандони СММ дар доираи Чорчӯби фарогири ҳамгирошудаи вокуниши иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ЧҲИИ) барои Тоҷикистон, ки бо Нақшаҳои кории муштарак (НКМ) БКР СММ барои солҳои 2021-2022 якҷоя карда шудааст, тадбирҳоеро омода ва амалӣ намуд. ЧҲИИ бо эҳтиёҷоте, ки КОВИД-19 дар Тоҷикистон ба миён овард, мувофиқт кард.

## Самарабахшӣ ва фоиданокии БКР СММ

БКР СММ барои солҳои 2016-2022 ба таври самарабахш амалӣ карда шуд.

**Маблағи умумии банақшагирифташуда**

**$363,289,111**

**Ҳаҷми фаъолиятҳои анҷомшуда ба маблағи умумии:**

**$380,587,862** (зиёда аз 100%)




## Устуворӣ ва таъсири БҚР СММ

Дафтарҳои намояндагии СММ устувории натиҷаҳоро аз замони таҳияи БКР СММ ва дар тамоми марҳилаҳои татбиқ баррасӣ намуда, барои такмил додани равандҳои таҳия ва татбиқи чораҳои сиёсат дар Тоҷикистон тавассути кӯмак барои муайян кардани афзалиятҳо ва тадбирҳои мувофиқ дастгирӣ намуданд. Ин талошҳо муҳим ва беҳбудиҳо назаррас буданд.

Руйдодҳои ахири сиёсӣ дар кишварҳои ҳамсоя ва масъалаҳои амният, таъсири КОВИД-19 ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон ҳамроҳ бо Мушкилиҳое, ки ислоҳоти ниҳодҳои давлатӣ метавонистанд ба миён оранд, дар маҷмӯъ омилҳои асосии берунии таъсиррасонӣ ба устувории натиҷаҳо буданд.

## Тавсияҳои асосии додашуда:

- Дастаи кормандони СММ дар кишвар бояд нисбат ба **эҳтиёҷоти шаҳрвандон ва афзалиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон тағйирпазир ва ботаваҷҷуҳ** боқӣ монанд ва фаъолиятҳои худро дар доираи бахшҳои стратегии ЧҲИИ идома диҳанд
- Дафтарҳои намояндагии СММ дар Тоҷикистон бояд ба **фаъолиятҳои дарозмуддат**, ки ба Ҳадафҳои рушди устувор ва афзалиятҳои миллӣ ба таври возеҳ алоқаманданд ва дорои **натиҷаҳои возеҳ муайяншуда ҳастанд, афзалият диҳанд ва диққати асосии худро ба устуворӣ равона кунанд**
- Дафтарҳои намояндагии СММ/Дастаи кормандони СММ бояд дар якҷоягӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими фаъолияти Кумитаи муштараки роҳбарикунандаи БКР СММ ва таъмини **роҳнамоии стратегӣ** он барои татбиқи БКР СММ тавассути воҳўриҳои мунтазам ва ҷалби намояндагони сатҳи баланд кор кунанд
- Дастаи кормандони СММ бояд кори меъёрии худро ҳамчун яке аз бартариҳои муқоисавии СММ пурзӯр гардонад ва минбаъд **баррасии масъалаҳои гендериро** дар саросари натиҷаҳои БКР СММ тақвият диҳад
- Дафтарҳои намояндагии СММ бояд дар самти барқарор намудани **шарикиҳои нав ва гуногунсозии имкониятҳои маблағгузорӣ** таҳқиқ ва кор кунанд
- Дастаи кормандони СММ дар кишвар дар ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдори миллӣ бояд **стратегияи возеҳ ва амалӣ оид ба устувориро** дар доираи ҳар як натиҷаи ниҳоӣ омода намояд ва **таҳлили мунтазами хатарҳо ва фарзияҳоро анҷом диҳад**

# ШАРҲИ МОЛИЯВӢ

## Банақшагирӣ ва азхудкунии маблағҳо дар асоси натиҷаҳои ЮНДАФ дар соли 2022




**Буҷети банақша гирифташуда барои 2022 г.** Ба нақша гирифта шуд **$77,807,485** Аз худ карда шуд **$ 64,846,582**

## Аз тарафи оҷонсиҳои СММ азхуд карда шудааст




ИТОГ: **$ 64,846,582**

## Дар соли 2022 азхуд шудааст: маблағҳои асосӣ ва беруна

| | Delivered in 2022 | Core in % | Non-Core in % |
|---|---|---|---|
| ПРООН | 25,355,556 | 7% | 93% |
| ЮНИСЕФ | 15,286,421 | 15% | 85% |
| ВПП ООН | 8,919,081 | 0% | 100% |
| ВОЗ | 6,930,823 | 20% | 80% |
| УВКБ ООН | 2,460,687 | 0% | 100% |
| УНП ООН | 1,556,265 | 0% | 100% |
| ООН ЖЕНЩИНЫ | 1,054,613 | 0% | 100% |
| ФАО ООН | 979,822 | 30% | 70% |
| ЮНФПА | 952,010 | 42% | 58% |
| ЮНЕСКО | 219,801 | 0% | 100% |
| ЮНЭЙДС | 40,000 | 0% | 100% |
| МОТ | 208,165 | 12% | 88% |
| ЕЭК ООН | 161,000 | 0% | 100% |
| ЮНОПС | 191,534 | 0% | 100% |
| УВКПЧ | 39,200 | 20% | 80% |
| РЦПДЦА | 21,680 | 100% | 0% |
| УКГВООН | 0 | 0% | 0% |
| МОМ | 310,110 | 0% | 100% |
| УСРБ ООН | 159,814 | 0% | 100% |

## Донорҳои калонтарини СММ барои солҳои 2016-2022




## Нақшаи кории якҷояи ЮНДАФ 2016-2022




## Банақшагирӣ ва азхудкунии маблағҳо дар асоси натиҷаҳои ЮНДАФ дар соли 2022 ва 2016-2022



# ШАРҲИ МОЛИЯВӢ

## Захираҳои аз ҷониби Гурӯҳи кишварии СММ дар солҳои 2016 ва 2022 сафарбар карда шуда

**$ 862,267**

Маблағгузории ҲРУ дар ҶТ

Сарчашма *Хазинаи муштараки ҲРУ*

**$ 2,200,000**

Васеъ гардонидани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои оилаҳои осебпазир барои беҳгардонии натиҷаҳои муҳоҷират дар вилояти Хатлон (2021–2023)

Сарчашма *Хазинаи боварии бисёрҷонибаи муҳоҷират*

**$ 1,000,000**

Мустаҳкам намудани системаи тандурустии ҶТ ва омодагӣ ба вокуниш ба COVID-19 (2020)

Сарчашма *Хазинаи боварии бисёршарикӣ оид ба ҷавоб ва барқароршавӣ аз COVID-19*

**$ 200,000**

Пешбурди ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият (қисми II) (2018–2019 гг.)

Сарчашма *Ҳамкории СММ оид ба дастгирии ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият (PRPD)*

**$ 2,000,000**

Васеъгардонии имкониятҳои ҷавонон барои Тоҷикистони осоишта (2020-2021)

Сарчашма *Хазинаи сулҳофари СММ (ФМС)*

**$ 1,000,000**

Ҳамкории наздисарҳади барои рушди устувор ва сулҳ (қисми 2) (2018–2019)

Сарчашма *Хазинаи сулҳофари СММ (ФМС)*

**$ 653,425**

Барномаи якҷояи UBRAF оид ба ВНМО/БПНМ (2018–2021 годы)

Сарчашма *ЮБРАФ*

**$ 9,659,748**

Тавонмандгардонии системаи тандурустӣ

Сарчашма *Алянси глобали барои ваксинатсия ва эмгузарони*

**$ 4,900,000**

Ибтикори якҷояи "Нури рӯшноӣ" дар Тоҷикистон - ибтикори якҷояи ИА-СММ оиди маҳв кардани хушунат нисбати занону духтарон (2020–2022)

Сарчашма *Иттиҳоди Аврупо, ба воситаи Хазинаи боварии бисёрҷониба*

## Маблағҳое, ки барои татбиқи барномаҳои муштараки СММ дар соли 2022 пешбинӣ шудаанд ва сарф шудаанд

| | | |
|---|---|---|
| $6,402,168.3 | Ба нақша гирифта шудаанд | 93.18% |
| $5,965,622 | Истифода шудаанд | |






© Didor Sadulloev, UN Tajikistan




© UNODC Tajikistan

БОБИ 3

# ДИҚҚАТИ АСОСӢ ДАР СОЛИ 202

Амалисозии Чаҳорчуби и ҳамкории СММ оид рушди устувор (БҲ) соли 2023 оғоз меёбад. Мақсади ҳамкории байни Ҳукумат ва низоми СММ аз он иборат аст, ки ба як маҷмӯи тағйиротҳои бо ҳам пайваста ва қобили андозагирӣ ноил гардад, ки Тоҷикистонро дар таъмини сатҳи беҳтари зиндагӣ бар асоси рушди иқтисодии устувор ва имкониятҳои баробар барои ҳар як инсон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани имкониятҳои худ бар асоси баробарӣ, адолат ва эҳтиром ба шаъну шараф дастгирӣ кунад [1]

[1] Стратегияи рушди миллии Тоҷикистон, Тоҷикистон дар соли 2030, 8.



## Дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон панҷ омили осебпазирӣ ва маҳрумият вуҷуд дорад:

1 ***Шумораи ками ҷойҳои кории муносиб ва расмӣ дар соҳа***: Бекорӣ, маоши кам ва шуғли ғайрирасмӣ омилҳои муайянкунандаи асосӣ, бахсус барои занон ва ҷавонон, ба шумор мераванд.

2 ***Сармоягузории нокофӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои табақаҳои камбизоат ва маҳрумтарини ҷомеа***: Интиқоли пулӣ барои оилаҳои камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазир наметавонад ҳамчун чораи муваққатии асосӣ хизмат кунад. Маблағҳои нави калони молиявӣ ба хизматрасониҳои босифат, фарогир ва дастраси тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ лозиманд

3 ***Норасоиҳо дар идоракунӣ ва волояти қонун***: Кори муассисаҳои идоракунанда бояд ба ҳамоҳангсозии қавитари амудӣ ва расонидани хизмат, бо диққати асосӣ ба табақаҳои камбизоаттарини ҷомеа нигаронида шавад

4 ***Таназзули захираҳои табиӣ, офатҳои табиӣ ва пандемияҳо***: Инҳо бо вокунишҳои пароканда ва танишҳои байнисарҳадӣ, бо чашмандози бадтар шудани камбизоатӣ ва осебпазирӣ, боз ҳам шиддат пайдо мекунанд

5 ***Табъизи гендерӣ ва маҳрумият*** Ин падидаҳо ҳоло ҳам хеле васеъ паҳн шудаанд ва дар издивоҷи ноболиғон, иштироки ками қувваи кории занон, дастрасии нобаробар ба замин ва моликият, кори вобаста ба нигоҳубини бемузд ва хушунат мушоҳида мешавад

Барои рафъ намудани ин нигарониҳо, низоми СММ ба ин масъалаҳо диққати асосии худро равона хоҳад кард:

- Хизматрасониҳои ба таври кофӣ маблағгузоришаванда, босифат ва фарогир дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва санитария
- Муҳити қавитари сиёсат ва меъёриву ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои афзоянда бо бахши хусусӣ барои ҳавасмандгардонии рушди сабз ва сатҳи пасти карбон ва таъсиси ҷойҳои кории муносиб
- Чаҳорчӯбаҳои устувори сиёсат ва чораҳо барои таъмини устувории истифодаи табиат, коҳиш додани хатарҳои офатҳои табиӣ ва расидан ба ҳадафҳои кишвар оид ба мутобиқшавӣ ва рафъ кардани оқибатҳо
- Ислоҳоти прагматикии идоракунӣ бо мақсади таҳкими идоракунии давлатӣ ва имкон додан ба ҳукумат барои самарабахштар ҳамкорӣ кардан бо одамон ба хотири таҳия ва расондани хизматрасониҳои асосии давлатӣ; ин тамоми рӯйкарди ҳукумат барои ворид кардани таҳлили гендерӣ ва мулоҳизаҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак дар қабули қарорҳо ва татбиқи онҳо бо тағйироти иҷтимоӣ ва рафторӣ барои хотима додан ба зӯровариро дар бар мегирад

[1] Бонки ҷаҳонӣ, Шарҳи иқтисодии Аврупо ва Осиёи марказӣ, тирамоҳи 2021с., 21, 127-128. Инчунин нигаред: Бонки ҷаҳонӣ, Эмгузаронӣ, ҷойҳои корӣ ва кумаки иҷтимоӣ – ҳама барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Осиёи марказӣ асос ба шумор меравaнд октябри 2021с. .

## Хатарҳо

Хатарҳои назарраси вуҷуд доранд, ки метавонанд саъю кӯшиши Тоҷикистонро дар самти татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор суст кунанд ё ба қафо андозанд. Интизор меравад, ки тағйирёбии иқлим ҳаҷм ва такроршавии хатарҳо ва офатҳои марбут ба иқлим, ба монанди обхезӣ ва хушксолиро афзоиш диҳад. Ин ба ҳосилнокии кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ ва бо эҳтимолияти афзоиши камбизоатӣ ва осебпазирӣ, таҳдид мекунад.

Ҷанг дар Украина ва таҳримҳо бар зидди Россия метавонад барои Тоҷикистон таъсири бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта бошад, аз ҷумла, рукуд, бекорӣ ва коҳиши интиқоли пул. Дар ҳоле, ки иқтисоди Тоҷикистон ба пандемияи КОВИД -19 тобоварии бузург нишон дод, он осебпазирии ва нобаробарии сохториро шадидтар кард. Таъсири манфии давомдор бадшавии саломатӣ, болоравии нархи хӯроквори ва камчинии онро дар бар мегирад, ки минбаъд ба шахсони камбизоат ва дигар гурӯҳҳои осебпазир таҳдид мекунанд. Мушкилиҳои давомдори амниятӣ дар минтақаҳои сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон ва Қирғизистону Тоҷикистон ҳамчунон монеи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ шуда, ба рушди иқтисодӣ, тиҷорат ва зиндагии рӯзмарраи мардуми минтақа таъсири манфӣ мерасонад.

## Кам кардани хатар ва идоракунии хавфҳо инҳоро дар бар мегирад:

- Ҳамоҳангсозии қавитар ва устувортари байнисоҳавии сиёсат ва барномаҳо, ки ба воситаи маълумот ва далелҳои қавитар дар бораи он, ки чӣ кор медиҳад, пуштибонӣ мешавад
- Таваҷҷуҳи бештар ба татбиқи сиёсатҳо, стратегияҳо ва барномаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо бо фарҳанги қавитар андозагирӣ, мониторинг, арзёбӣ ва омӯзиш
- Ҳимояи пайваста ва беғаразона, муколамаи сиёсӣ, ки бар пояи ҲРУ асос ёфтааст, барои таҳияи моделҳо ва имконоти камхарҷ ҷиҳати баланд бардоштани сифат ва фарогирии хизматрасониҳои асосӣ дар доираи маҳдудиятҳои барномавӣ ва буҷетӣ
- Бознигарӣ ва таҷдиди доимии нақшаҳои ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумат ҷумҳурӣ ва низоми СММ оид ба вокуниш ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда



© Nigina Sodiqova

**МИЛАЛИ МУТТАҲИД**
ТОҶИКИСТОН

Дафтари Ҳамоҳангсози Доимии
СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи
Лоҳутӣ 5, гузаргоҳи 1, 734013.

Тел: +992 (44) 600 58 54 (854)

www.tajikistan.un.org

@unintajikistan

Акс дар муқова:
Дидор Саъдуллоев,
СММ Тоҷикистон